САРВАТИ ИСФАНДИЁР ҒУЛОМОВ с. 9

100-СОЛАГИИ РӮЗИ РӮДАКӢ с. 10

ЧАРО ДАР ҶОПОН РӮЗИ МУАЛЛИМ НЕСТ? с. 8

ТОҶИКИСТОН

№39 (1652), 24.09.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



ПАТЕНТ БЕКОР МЕШАВАД?

тасмими Путин ва интизории муҳоҷирон





ДАР ИН ШУМОРА:

ПРЕЗИДЕНТ ДАР СММ
Аз мулоқот то пешниҳод с.2

СУҒД
Омӯзгорон маҷбурӣ ба пахтачинӣ мераванд? с.5

ГӮШТ
Истеҳсол зиёду нарх дучанд с.7

ДАЪВОИ ТРАМП
ИМА ба Афғонистон бармегардад? с.4

267 СОМОНӢ
Нафақаи муаллим дуруст ҳисоб шуд? с.8

ПЕШНИҲОД
Чойхонаи Гулназар бунёд шавад! с.10

ҲУҚУҚ
Ҷазо барои қатли фарзанд с.10

ВАРЗИШ
9 нишони паҳлавонони тоҷик аз Ҷоми Ҷаҳон с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj


ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



ПЕШНИҲОДИ НАВБАТИИ ТОҶИКИСТОН БА СММ



Дар шаҳри Ню-Йорк дар ҳошияи иҷлосияи 80-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон як қатор мулоқотҳои муҳими сатҳи баланд анҷом дод. Ин вохӯриҳо бо роҳбарони давлатҳо ва сохторҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо Президенти Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам Лионг Кионг, Президенти Ҷумҳурии Португалия Марселу Ребелу де Соуза, Дабири кулли СММ Антониу Гутерриш ва Директори идории Бонки ҷаҳонӣ хонум Анна Бйерде сурат гирифтанд.

РУШДИ МУКОЛАМАИ СИЁСӢ ВА ИҚТИСОДӢ

Мулоқоти Саравари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ветнам ба таҳкими равобити ду кишвар бахшида шуд. Сарони ду давлат аҳамияти рушди ҳамкориҳо дар бахшҳои саноат, кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ ва сайёҳиро таъкид карданд. Ҷонибҳо изҳор намуданд, ки таҳкими ҳамкориҳои байниидорӣ ва байнипарлумонӣ метавонад ба рушди бештари муносибатҳо замина гузорад.

ДАСТГИРИИ ЛОИҲАҲОИ МУШТАРАК ВА САРМОЯГУЗОРӢ

Президенти Тоҷикистон дар мулоқот бо Президенти Португалия масъалаҳои густариши робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва сармоягузориро баррасӣ намуд. Таъкид шуд, ки ҳамкориҳо дар соҳаи “энергияи сабз”, маъданҳои нодир ва маориф дорои имконоти фарох мебошанд. Пешниҳод гардид, ки ҳамкориҳои дуҷониба на танҳо дар доираи Иттиҳоди Аврупо, балки мустақиман низ тавсеа дода шаванд.

МУЛОҚОТ БО ДАБИРИ КУЛЛИ СММ

Мулоқоти Саравари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо Дабири кулли СММ Антониу Гутерриш нишон дод, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар масъалаҳои глобалӣ, махсусан обу иқлим нақши муҳим мебозад. Саравари давлат аз зарурати истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор (SDGs) ёдовар шуд. Тоҷикистон омодагии худро барои баргузории конфронсҳои байналмилалии об дар солҳои 2026 ва 2028, ки дувумаш дар Душанбе сурат мегирад, таъкид намуд.

Бо таассуф зикр гардид, ки то соли 2030 танҳо 35 фоизи Ҳадафҳои Рушди Устувор татбиқ мегарданд. Ба таъкиди Саравари давлат Эмомалӣ Раҳмон, барои дастрасии васеъ ба ин ҳадафҳо истифодаи муассир аз технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ муҳим мебошад.

АФЗОИШИ САРМОЯГУЗОРӢ БА РУШДИ УСТУВОР

Мулоқот бо Директори идории Бонки ҷаҳонӣ хонум Анна Бйерде ба арзёбии равобити Тоҷикистон бо ин муассисаи молиявии байналмилалӣ бахшида шуд. Масъалаҳои мавҷудаи ҳамкорӣ, аз ҷумла дар соҳаи энергетика, рақамикунонӣ, инфрасохтор ва таъмини рушди устувор мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд. Пешвои миллат изҳор дошт, ки ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ дар самти татбиқи лоиҳаҳои стратегии миллӣ муҳим боқӣ мемонад.

СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мубоҳисаҳои умумии иҷлосияи 80-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод намуд, ки Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ эълон гардад.

Саравари давлат изҳор дошт, ки имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳиди нодида гирифтани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки ин раванд метавонад таҳдид ба сулҳу субот ва тартиботи ҷаҳонӣ гардад. Саравари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки зарур аст маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун як унсури муҳим барои таъмини адолат ва эҳтиром ба қонун тақвият ёбад.

Президенти Тоҷикистон даъват ба амал оварда, ки тамоми давлатҳои аъзои СММ ба ин ташаббуси муҳим ҳамроҳ шаванд ва саҳми худро дар ташаккули фарҳанги ҷаҳонии шаффофият, адолат ва эҳтиром ба қонун гузоранд.

«Мо зарурати риояи қатъии қонунҳои байналмилалиро таъкид менамоем ва бар онем, ки ҳамаи низову ихтилофҳо бояд танҳо дар чорчӯбаи ҳуқуқ ҳал шаванд»,- таъкид дошт Саравари давлат Эмомалӣ Раҳмон.



ПРЕЗИДЕНТИ РУСИЯ ВЛАДИМИР ПУТИН РӮЗИ 18-УМИ СЕНТЯБР ДАР МУЛОҚОТ БО РАҲБАРОНИ ФРАКСИЯИ ДУМАИ ДАВЛАТӢ ГУФТ, КИ "МАСЪАЛАИ ЛАҒВИ ПАТЕНТ БАРОИ МУҲОҶИРОНИ КОРӢ БОЯД БАРРАСӢ ШАВАД". АММО…

ПАТЕНТ БЕКОР МЕШАВАД?

ВАКИЛОНИ МУҲОҶИРБАДБИН

Рӯзи 18-уми сентябр Владимир Путин бо роҳбарони фраксияҳои парлумон (Думаи давлатӣ)-и Русия мулоқот анҷом дод. Дар ин мулоқот раиси фраксияи “Русияи боадолат - барои ҳақиқат” Сергей Миронов, ки бо муҳоҷирбадбиниаш ва ҳамчунин Леонид Слутский - роҳбари ЛДПР пешниҳод карданд, ки сиёсат дар самти муҳоҷират шадидтар карда шавад.

Сергей Миронов пешниҳод кард, ки низоми додани иҷозатномаи кор (патент) барои муҳоҷирон бекор карда шавад, аммо ба шарти шадидтар кардани назорат.

“Системаи “патент”-ро бояд бекор кард. Исбот кун, ки воқеан ба коргар ниёз дорӣ, онҳоро бе оила биёр. Кор кунанд, музд гиранд ва баргарданд”,- гуфтааст ӯ.

Ба ин пешниҳод президенти Русия Владимир Путин гуфт, ки "масъалаи лағви патент барои муҳоҷирони корӣ бояд баррасӣ шавад.

"Лағви низоми патентӣ барои муҳоҷирон як пешниҳоди хуб аст,- гуфт Путин.- Бояд дар ин бора фикр кунем. Он зиёд истифода мешавад ва ман чизеро истисно намекунам".

ПАТЕНТ ЧИСТ?

Патенти кории муҳоҷирон санади расмӣ буда, ба муҳоҷироне, ки ба Русия бидуни раводид меоянд, имкони қонунии корро фароҳам меорад. Ба қавли мақомдорони рус, патент барои назорати мавҷи муҳоҷират ва таъмини ҳуқуқи муҳоҷирон зарур аст.

Дар Маскав нархи патент ба 8900 рубли русӣ баробар аст. Дар дигар минтақаҳои Русия нархи патент дигар мебошад. Даромад аз патент дар саросари Русия садҳо миллион доллярро ташкил медиҳад.

20-уми марти соли равон Путин фармон дод, ки дар сурати иҷрои баъзе талабот, аз ҷумла супурдани изи ангушт, ташхиси тиббиву наркологӣ ва надоштани бемориҳои гузаранда, муҳоҷирон аз гирифтани патенти корӣ озод шаванд.

ТАНЗИМИ ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒ

Ҳамзамон дар ин мулоқот вакилон аз фраксияи "Одамони нав" ("Новые люди") таҳти сарварии Алексей Нечаев танзими интиқоли маблағи муҳоҷиронро пешниҳод карданд. Ин ҳизб чанде пеш дар Дума лоиҳаи қонунеро пешниҳод намудааст, ки ба танзими интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирон равона шудааст.

Дар лоиҳа манъи интиқоли пул ба хориҷа аз ҷониби кормандони хориҷӣ, ки аз маоши расмии моҳонаи онҳо зиёдтар аст, пешниҳод шудааст. Ин ташаббус тағйирот ба Қонун “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор”-ро дар назар дорад.

Муаллифон зикр мекунанд, ки соли 2023 муҳоҷирони корӣ маблағи рекордӣ - зиёда аз 18 млрд доллар ба ватан интиқол додаанд.

Дар шарҳи лоиҳаи қонун инчунин таъкид мешавад, ки дар меъёрҳои амалкунанда назорати бояду шояд ба мувофиқати ҳаҷми интиқол ба даромади расман тасдиқгардида пешбинӣ нашудааст. Ба ақидаи тарҳиягарони он, лоиҳаи нави қонун бояд аз интиқоли маблағҳое, ки ба даст овардани он тариқи ҳуҷҷат тасдиқ нашудааст, пешгирӣ кунад.

МУҲОҶИРОН БЕ ОИЛА ОЯНД!

Сергей Миронов роҳбари фраксияи "Русияи боадолат - Барои ҳақиқат" (“Справедливая Россия - За правду”) ҳамчунин пешниҳод кард, ки масъалаи манъи омадани оилаи муҳоҷирон низ баррасӣ шавад.

Ӯ аз ҷумла гуфт: “Омори расмӣ вуҷуд дорад, ки фақат 28 дарсади муҳоҷирон барои кор ба Русия меоянд. Дигарон барои чӣ меоянд? Боз оилаҳояшонро ба ин ҷо меоранд. Таҳсил дар мактабҳоро ҳам мушкил мекунанд. Мо пешниҳод мекунем, ки агар кадоме аз муҳоҷирон ҷиноят содир кард, ӯ бояд дар назди қонун ҷавоб диҳад ва тамоми оилаву авлодаш фавран аз Русия ихроҷ гардад. Ҷавобгарии дастаҷамъӣ. Бигзор барои амалкарди наздиконашон ҷавоб диҳанд".

Ин ҳизб ҷанде пеш бо ин пешниҳод дар Думаи давлатӣ ҳам баромад карда буд.

Ба гуфти онҳо, оилаҳои муҳоҷирон ба мактабҳо, боғчаҳо ва низоми тиббии Русия фишор меоранд, дар ҳоле ки андоз ва пардохти иҷозатномаи кор (патент)-и онҳо хароҷоти буҷетро ҷуброн карда наметавонад. Онҳо барои ин иддаои худ ягон далел ироа накардаанд.

Ба қавли вакилони рус, иҷрои ин мамнуият метавонад ҷараёни муҳоҷиратро 15-20% коҳиш диҳад.

Дар ин тарҳ пешниҳод шудааст, ки ин маҳдудият ба шаҳрвандони Беларус ва "мутахассисони баландихтисос" ҷорӣ нашавад.

Сергей Миронов зикр кардааст, ки ин ташаббус “барои гузаштан ба низоми кори муваққатии муҳоҷирон дар Русия иқдоми муҳим” хоҳад буд.

ФИШОР БА МУҲОҶИРОН

Ёдовар мешавем, беш аз як сол аст, ки мақомоти Русия болои муҳоҷирон фишор меорад ва ахиран барои гӯё танзими муҳоҷират даҳҳо муқаррароти нав қабул шуд. Муҳоҷирон низ ҳамарӯза аз фишори мақомдорони рус шикоят мекунанд.

Мақомоти Русия гуфта буданд, ки беш аз 700 ҳазор муҳоҷир санади дуруст барои ҳузур дар ин кишварро надоранд ва агар то 10-уми сентябр санадҳояшон аз нав тахия нашаванд, аз кишвар ихроҷ мешаванд.

Онгуна, ки интизор мерафт, баъди ба анҷом расидани мухлати қонунигардонии муҳоҷирон дар рӯзи 10-уми сентябр, мақомоти Русия ба рейдҳои сартосарии пур аз хушунат даст задаанд.

Ҳатто ахиран наворе нашр шуд, ки кормандони ҳифзи ҳуқуқи Русия ба маъракаи тӯйи як муҳоҷир зада медароянд...

О. СОҲИБЗОДА

САРИ САБЗ



Саодат АЗИЗОВА, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Бисёриҳо мегӯянд, ки шумо - насли калонсол равед, дар театр кӣ мемонад? Ҷавонони лаёқатманд зиёданд. Албатта, ҳоло барои онҳо каме мушкил аст, чун бисёрашон дар хонаҳои иҷора зиндагӣ мекунанд... Агар содиқона меҳнат кунанд, ба ҳамааш даст меёбанд.

- Бале, вақте содиқона меҳнат мекунанд, дигар лаҳзае фориғ намешаванд ва рӯзу шабро дар театр мегузаронанду ҳоҷат ба хонаи иҷора ҳам намемонад.



Абдунабӣ САТТОРЗОДА, адабиётшинос, профессор

- Мутаассифона, ҳайкалтарош, гумони яқин меравад, ки на осори шоирро хондааст ва на ӯро дарк намудааст... Чунин ба назар мерасад, ки сари азизи шоирро ба тани каси дигаре часпондаанд... Ёду номи Гулназар, шоири шаҳир ва барӯманди тоҷик гиромӣ бод!

- Ёди шоири бузург гиромӣ бод! Шояд ҳайкалтарош донандаи осор бошад, аммо дидаву дониста, ба хотири таҳамтан нишон додани шоир аз чунин услуб кор гирифтааст.



Ноҳид ЗАЙНАЛПУР, скрипканавози мумтоз

- Бо гузашти замон скрипка дар ҷаз ва эстрада, инчунин, дар жанрҳои этно ва фолк ҳам истифода мешавад. Скрипка ҳам ғам ва ҳам шодиро ифода карда метавонад. Шахсан ман бисёр оҳангҳои рақсӣ дорам, ки мардум зери навои онҳо мерақсанд.

- Дар рэп чӣ? Дар ин жанр ҳам аз скрипка истифода кардан шояд ба манфиати рэпсароён бошад. Охир, онҳо бо дилхоҳ нағма месароянду зери навои дилхоҳ мусиқӣ мерақсанд ку!



Кӯдаке дар чархи ҳавопаймо ба Ҳинд рафт


Тавре расонаҳои ҳиндӣ гузориш додаанд, як кӯдаки 13-солаи афғон, ки ба шакли қочоқӣ худро дар чархи ҳавопаймои ширкати "Ком эйр" аз Кобул то Деҳлӣ расонида буд, зинда монда, ба Афғонистон баргардонида шудааст.

Ин ҳодиса рӯзи 21-уми сентябр рух додааст. Масъулини фурудгоҳи Индира Гандӣ дар Деҳлӣ рӯзи 22-юми сентябр гуфтанд, ки ин кӯдак пас аз фуруди ҳавопаймо пайдо шуд. Ӯ ба масъулин гуфтааст, ки пинҳонӣ вориди фурудгоҳи Кобул шуда, пеш аз парвоз дар чархи ҳавопаймо пинҳон шудааст. Парвоз дар баландии зиёд, маъмулан бинобар сармои шадид ва камбуди оксиген, боиси марги фард мешавад.

hindustantimes

Толибон ҳамсарони британиёиро озод карданд

Мақомоти Толибон дар Афғонистон рӯзи 19-уми сентябр гуфтанд, ки ҳамсарони пиронсол аз Британиёро баъди ҳашт моҳи ҳабс озод карданд.



Питер Рейнолдси 80 ва Барбараи 76-сола моҳи феврали имсол боздошт шуданд ва вақтҳои охир хабар мерасид, ки вазъи саломатии онҳо дар ҳабс бадтар мешавад. Хабар дода шуд, ки ҳамсарон Рейнолдсро асосан бо талошҳои дипломатии ҷониби Қатар тавонистанд озод кунанд. Питер ва Барбара Рейнолдс соли 1970 дар Кобул издивоҷ карда, давоми бист сол дар он ҷо бо барномаҳои таълимӣ машғул буданд. Онҳо инчунин шиносномаҳои расмии шаҳрвандони Афғонистонро доштанд.

BBC

ИМА БА АФҒОНИСТОН БАРМЕГАРДАД?

Даъвои Трамп ва посухи Толибон

Даъвоҳои ахири Доналд Трамп, президенти ИМА дар мавриди бозпас гирифтани пойгоҳи низомии "Багром" дар Афғонистон дар сархати расонаҳои ҷаҳон қарор дошт. Воқеан, Амрико ба Афғонистон бармегардад?



Раисҷумҳури Амрико дар як ҳафтаи охир чанд бор хостори бозпас гирифтани пойгоҳи низомии ҳавоии "Багром" шуд. Ӯ дар охирин изҳороти худ рӯзи 21-уми сентябр гуфт, ки "агар Афғонистон пойгоҳи низомии ҳавоии "Багром"-ро ба касоне, ки онро сохтаанд, яъне Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, бознагардонад, иттифоқҳои баде рух хоҳад дод".

Ба гузориши расонаҳои амрикоӣ, Трамп ҳамчунин гуфтааст, ки Амрико бо Толибон барои бозпас гирифтани пойгоҳи "Багром" дар ҳоли музокира аст. Ӯ афзудааст, ки "мо мехоҳем ҳарчи зудтар онро пас гирем" ва бидуни ном бурдан аз Толибон таҳдид кардааст, ки агар онҳо пойгоҳро барнагардонанд, "хоҳед дид, ки ман чӣ хоҳам кард".

Рӯзномаи Wall Street Journal рӯзи 19-уми сентябр ба нақл аз як манбаи худ навишт, ки мақомоти амрикоӣ бо Толибон ин мавзуъ ва ҳам эҳтимоли истифодаи "Багром"-ро ба унвони як "нуқтаи оғоз" барои амалиёти зидди-террористӣ баррасӣ кардаанд.

Намояндаҳои гурӯҳи Толибон бошанд, дар посух ба даъвои Доналд Трамп гуфтаанд, ки ҳатто бар сари "як вақаб" аз хоки Афғонистон бо касе созиш намекунанд.

Фасеҳуддин Фитрат, раиси ситоди кулли артиши Толибон рӯзи 21-уми сентябр бидуни ном бурдан аз Трамп ба расонаҳои ин кишвар гуфтааст, ки ахиран баъзеҳо гуфтаанд, барои бозпас гирифтани пойгоҳи ҳавоии "Багром" вориди музокира шудаанд, аммо чунин созише "имкон надорад".

Ӯ гуфтааст, ки онҳо аз "ҳеҷ кулдур ва зӯргӯе" наметарсанд ва инро дар 20 соли гузашта дар ҷанг бо Амрико ва муттаҳидонаш собит сохтаанд.

Пойгоҳи ҳавоии "Багром", ки дар солҳои 1950-ум аз ҷониби Шуравӣ сохта шуда буд, пас аз соли 2001 ба муҳимтарин пойгоҳи неруҳои Амрико дар Афғонистон табдил ёфт. Аммо Толибон пас аз сукути Афғонистон дар соли 2021 онро ба даст гирифтанд. Трамп тарк кардани Афғонистонро иштибоҳи чиддии ҳукумати Байден арзёбӣ кард. Коршиносон муътакиданд, ки агар ИМА бихоҳад, ҳатман дигарбора вориди хоки Афғонистон хоҳад шуд.



Хоманаӣ:

ҒАНИСОЗИИ УРАНРО МУТАВАҚҚИФ НАМЕКУНЕМ!

Алии Хоманаӣ, роҳбари Ҷумҳурии Исломии Эрон дар суханронии телевизиони худ бо ишора ба робитаҳои пуртаниши Эрон бо мақомоти амрикоиву ғарбӣ гуфт: "Дар вазъияти кунунӣ гуфтугӯ бо Амрико барои мо суде надорад". Ӯ афзуд, ки "тарафи муқобили мо (Амрико) ваъдаҳояшро хилоф мекунад, таҳдид мекунад ва агар дасташ расад, террор ҳам мекунад".

Алии Хоманаӣ ҳамчунин гуфт, ки Ҷумҳурии Исломӣ "тасмим ба сохти силоҳи ҳастаӣ надорад", аммо "ғанисозии уранро мутаваққиф намекунад". Ӯ дар суханронии худ, ки дирӯз, 23-юми сентябр тариқи садову симои Эрон пахш шуд, бар се меҳвар - иттиҳоди миллати Эрон, ғанисозии уран ва робита бо Амрико таъкид кард.

Хоманаӣ дар мавриди гуфтушунид бо Амрико гуфт, ки "музокира бо Амрико ҳеҷ суде надорад ва зиён ҳам дорад" ва "ҳеҷ кишваре зери бори музокираи таҳдидомез намеравад". "Роҳи илоҷи пешрафти кишвар қавӣ шудан аст. Бояд қавӣ шуд. Қавӣ шудани низомӣ лозим аст. Қавӣ шудани илмӣ лозим аст. Қавӣ шудани сохтори давлатӣ лозим аст... Вақте қавӣ бошем, тарафи муқобил ҳам таҳдид намекунад",- изҳор дошт Хоманаӣ.

Ӯ илова кард, ки "қаблан мегуфтанд, меъёри ғанисозии уранро боло набаред, ё маҳсулотро дар Эрон нигаҳ надоред. Ҳоло мегӯянд, аслан ғанисозӣ надошта бошед ва онро боздоред". Хоманаӣ гуфт, ки "мардуми Эрон ба даҳони касе мезананд, ки чунин чизе бигӯяд".

ТАҶОВУЗИ ҒАЗЗА БОЯД ХОТИМА ЁБАД!

Ҳафтаи равон дастикам 5 кишвари ғарбӣ давлати Фаластинро ба расмият шинохтанд. Ин иқдом нишони эътироз ба ҷанги Исроил дар Ғазза унвон шуд ва кишварҳои ҷаҳон хостанд бо эътирофи ду давлати алоҳида амният дар Ховари Миёна таъмин гардад.



Ба иттилои расонаҳо, рӯзи якшанбе Британияи Кабир, Канада, Австралия, Португалия) давлати Фаластинро эътироф карданд. Президенти Фаронса Эммануэл Макрон ҳам аз минбари СММ эълон кард, ки кишвараш давлати Фаластинро эътироф мекунад.

Кир Стармер, Марк Карни ва Энтони Албанезе, нахуствазирони Британия, Канада ва Австралия дар баёнияҳои алоҳида гуфтанд, ки хоҳони сулҳу амният дар Ховари Миёна ҳастанд. Онҳо дар баёнияҳои худ ба талош барои эҳёи роҳи ҳалли дукишварӣ таъкид карданд.

Маҳмуд Аббос, раисҷумҳури Фаластин гуфтааст, ки ин эътироф ба Фаластин кумак хоҳад кард, то "дар паҳлуи давлати Исроил дар амният, сулҳ ва ҳамсоягии нек зиндагӣ кунад".

ҲАМОС низ аз ин иқдом истиқбол намуда, аммо гуфтааст, ки он бояд бо "чораҳои амалӣ" барои хотима бахшидан ба ҷанг дар Ғазза ва пешгирии Исроил аз тасарруфи соҳили Ғарбӣ ҳамроҳ бошад.

МАРГИ 51 НАФАР ДАР 8 МОҲ

Амалиёти “Скутер” чӣ ҳадаф дорад?

Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД хабар медиҳад, ки барои пешгирии ҳодисаҳои нақлиётӣ бо иштироки “мототсикл”-у “скутер” ва дучархаҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар амалиёти “Скутер”-ро оғоз кардаанд, ки то 25-уми сентябр идома меёбад.



Гуфта мешавад, ки ҳадафи ин чорабинӣ баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон барои риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, пешгирии ҳодисаҳои роҳу нақлиёт ва таъмини амнияти ҳаракати сокинону мусофирон аст.

Ёдовар мешавем, ки солҳои охир садамаҳои нақлиётӣ бо ширкати “мототсикл”-у “скутер”-ҳо афзудааст. Танҳо дар 8 моҳи соли равон дар Тоҷикистон дар пайи 140 садамаи “мототсикл”-у “скутер”-ҳо 51 тан ҷон бохта, 122 каси дигар ҷароҳат бардоштаанд.

Бо ин мақсад охири соли 2024 ба хотири пешгирӣ аз садамаҳои нақлиётӣ бо ширкати “скутерҳо” ва баҳисобгирии воситаҳои нақлиёт дар кишвар дар идораи онҳо қоидаҳои нав қабул шуд. Ҳамакнун ҳамаи скутерҳое, ки суръати онҳо аз 40 км/соат зиёд аст ва муҳаррикашон ҳаҷман 50 кубометрро ташкил медиҳад, ба қайд гирифта мешаванд. Соҳиботи чунин нақлиёт бояд барои онҳо рақами давлатӣ бигиранд.

Ба иттилои БДА, ронандагони бидуни ҳуҷҷат ва сабти ном барои риоя накардани қоидаҳо мутобиқи моддаи 310-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима мешаванд. Ҷарима аз 1 то 2 нишондиҳанда барои ҳисобро ташкил медиҳад (1 нишондиҳанда = 75 сомонӣ).

Ҳангоми санҷиш, ронандагони скутер бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кунанд:

- шаҳодатномаи ронандагӣ;
- шаҳодатномаи сабти ном;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи моликият;
- санади суғуртаи ҳатмии шаҳрвандии нақлиёт.

Бар иловаи рақами давлатӣ, ҳамчунин соҳибони скутерҳо вазифадор шудаанд, ки шаҳодатномаи бақайдгирӣ (техпаспорт) ва ҳуҷҷат барои нобудсозии нақлиёт гиранд. Арзиши шаҳодатномаи бақайдгирӣ (техпаспорт)-и скутерҳо 280 сомонӣ, пули рақами қайди давлатӣ 270-280 сомонӣ муайян шуда, инчунин, барои нобуд сохтан (утилизатсия)-и нақлиёт 360 сомонии дигар мепардозанд.

Д. ҚОДИРПУР



АФЗОИШИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ ДАР КИШВАР

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон аз афзоиши бемориҳои сироятӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ хабар додааст.

Дар моҳҳои январ - августи соли равон аз рӯи маълумотҳои оморӣ 19 ҳазору 419 ҳодисаи ба бемориҳои сирояткунанда гирифтор шудани аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар ин бора Агентии омори Тоҷикистон дар истинод ба маълумотҳои ахири Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хабар додааст.

Ба иттилои манбаъ, ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 22,7% зиёд аст.

Гуфта мешавад, ки ба ҳиссаи гепатитҳои шадиди вирусӣ 11,1% бемориҳо рост омада, бемориҳои сирояткунандаи шадиди рӯда 45,2% шумораи умумии бемориҳои сирояткунандаро ташкил додааст.

Ин маълумоти оморӣ дар ҳоле нашр мешавад, ки қаблан вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон дар нишасти матбуотӣ қайд карда буд, ки дар нимсолаи аввали соли 2025 бемориҳои сироятӣ дар Тоҷикистон коҳиш ёфтааст.

ОМӮЗГОРОНИ СУҒД МАҶБУРӢ БА ПАХТАЧИНӢ МЕРАВАНД?

Раёсати маорифи вилояти Суғд ахиран хабарҳо дар бораи ҷалби иҷбории омӯзгорону хонандагон ба пахтачиниро қатъиян рад кард.

Раёсати маориф тавзеҳ дод, ки мувофиқи қонунгузории ҷалби омӯзгорону хонандагон ба фаъолиятҳое, ки берун аз таълиму тарбия мебошанд, қатъиян манъ аст. “Дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ҳудуди вилоят машғулияти дарсӣ тибқи ҷадвал ва барномаҳои тасдиқшуда идома дорад ва ҳеҷ омӯзгор дар вақти дарсӣ ба пахтачинӣ ҷалб карда намешавад”, - қайд кардааст ин ниҳоди давлатӣ.

Вале дар баробари ин Раёсати маориф таъкид кардааст, ки омӯзгорон ҳамчун фарзандони мардуми деҳқон дар рӯзҳои истироҳат, танҳо бо хоҳиши худ, ба ёрии ҷамъоварии ҳосили пахта мераванд. “Ин иқдом танҳо ба хотири дастгирии меҳнати заҳматталаби кишоварзон сурат мегирад ва ҳеҷ гуна хусусияти иҷборӣ надорад”, - зикр кардааст Раёсат.



РЕЗААХБОР

- Дар Тоҷикистон тайи ҳашт моҳ 741 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд. Ин дар муқоиса бо нишондиҳандаи январ - августи соли 2024 ҳудуди 4% кам мебошад,- бармеояд аз додаҳои Агентии омори Тоҷикистон.

***

Тоҷикистон манфиатдор аст, ки гардиши мол бо Туркия то ба як млрд доллар афзоиш ёбад. Дар ин бора муовини аввали сарвазири Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода дар мулоқот бо вазири меҳнати Туркия Ведат Ишихон изҳор дошт. Ҷонибҳо ҳамчунин масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи нассоҷӣ, коркарди алюминий ва эҷоди корхонаҳои муштаракро баррасӣ кардаанд.

***

- Танҳо дар моҳи август Тоҷикистон дар ҳаҷми қариб 5,4 млрд сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол кардааст. Ҳаҷми умумии тавлидоти саноатӣ дар ҳашт моҳи аввали соли ҷорӣ наздики 40,3 млрд сомонӣ шудааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23,5% зиёд мебошад,- иттилоъ дод Агентии омори Тоҷикистон.

***

24-уми сентябр дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба муносибати 700-солагии Ҳофизи Шерозӣ конференсияи байналмилалии “Ҷойгоҳи маънавӣ ва маърифатии осори Ҳофизи Шерозӣ дар фарҳангу забон ва адабиёти ҷаҳон. Аз Порис то Душанбе” баргузор гардид. Дар он олимону донишмандон аз Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Покистон ва Олмон ширкат карданд.

***

Шоми 21-уми сентябр дар шаҳри Теҳрони Эрон нахустнамоиши филми ҳунарии “Моҳӣ дар шаст” баргузор гардид. Ин филм нахустин лоиҳаи муштараки “Довфилм”, “Тоҷикфилм” ва ширкатҳои эронии “Ifilm” ва “30CUP” мебошад. Дар ин бора Муҳиддин Музаффар, роҳбари “Довфилм” ва коргардони филм хабар дод. Гуфта мешавад, ки дар нахустнамоиш Низомиддин Зоҳидӣ, сафири Тоҷикистон дар Эрон, Ғуломалӣ Ҳадод Одил, раиси Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ ҳузур доштанд.

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)

ЧӢ ГУНА “САДОИ МАРДУМ” САДОИ МАРДУМ ШУД?

ДАР МЕҲМОНӢ

Он рӯзро ҳоло ҳам бо тамоми ҷузъиёташ дар ёд дорам. Моҳи октябри соли 1990 буд. Шабу рӯзҳои тирамоҳӣ, ки бӯйи баргҳои намноки афтода бо ҳавои тоза омехта мешуд ва рӯҳи одамро оромӣ мебахшид. Бегоҳе Шерализода маро ба хонаашон даъват карданд. Аввал дар дилам гузашт, ки шояд аз деҳа меҳмоне омадааст. Чунин одат буд: агар меҳмон ояд, ҳатман ҳамдеҳагонро ба сари дастархон мехонданд.

Аммо вақте ба хона расидам, ғайр аз аҳли хонадон касе дигар набуд. Янгаи Хосият аллакай дастархон густурда буданд. Нонҳои гирда, қанд, мавизу донаҳои зардолуи хушк ва албатта пиёлаҳои сабзи чинӣ рӯйи дастархон мисли гулҳои тару тоза медурахшиданд. Ман дар канори миз нишастам.

Шерализода пиёларо ба даст гирифта, бо оромиву эҳтироми хос чойгардон мекарданд. Хостам чойникро аз дасташон гирам, вале бо табассуме, ки чеҳраи нуроniашон боз ҳам зеботар менамуд, гуфтанд:

- Меҳмон атои Худост.

Ҳамин гуфтаашон бо лаҳни мулоим, як навъ гармие дошт, ки гӯё хастагии рӯзро аз дили одам мешуст. Он кас гоҳ-гоҳ сигор мекашиданд, аммо ҳамон ҳам бо назокат. Янгаи Хосият дар як гӯшаи миз сигордонро гузошта буданд, то ҳама чиз тартибу низоми худро дошта бошад.

Шерализода бо чеҳраи пур аз меҳрубонӣ пиёлаи чойро ба ман дароз карданд. Суҳбат аввал парешон буд - аз ҳаво, аз рӯзгор, аз хабари ину он. Аммо гӯё пиёлаи чойи гарм суҳбатро низ гарм карда бошад, суҳбат ба мавзуи ҷиддитар даромад.

МАКТАБИ “КОМСОМОЛКА”

- Шумо факултаи журналистикаи Донишгоҳи Маскавро кадом сол хатм кардед?,- пурсиданд.

- Соли 1984,- гуфтам ман.

Он гоҳ бо каме ҳайрат сар ҷунбонида, гуфтанд:

- Ҳамон соле, ки ман рисолаи номзадиро ҳимоя карда будам.

Сипас, аз солҳои донишҷӯӣ, аз мактаби рӯзноманигории Маскав пурсиданд. Дар чашмонашон як навъ дурахши кунҷковӣ ва ҳамзамон эҳтиром дида мешуд. Ман ба ёд овардам, ки он факултет воқеан ҳам мактаби бузург буд: барои рӯзномаҳои марказӣ кадр тайёр мекард, бехтарин устодони соҳаи журналистика дар он ҷо дарс медоданд. Сарвари факултет Засурский Ясен



Николаевич шахсияти маъруф ва пурэътибор буд.

Мо дар бораи усулҳои дарсдиҳӣ, назария ва амалияи рӯзноманигорӣ суҳбати тӯлонӣ доштем. Ҳар саволашон дақиқ ва нишонрас буд. Ҳис мекардам, ки барои онҳо на танҳо ҷавоб, балки тарзи баёни андеша низ аҳамият дорад.

- Ба назари шумо, дар таълими журналистӣ кадом чизҳо муҳим буданд?,- боз пурсиданд.

Ҷавоби ман кӯтоҳ буд: муҳимияти пайванди назария бо амал.

Гумон мекунам ин ҷавоби ман он касро чандон қонеъ накард.

Боз пурсиданд, ки замони донишҷӯӣ кадом лаҳзаҳо хотирмон буданд?

Гуфтам:

- Лаҳзаҳои хотирмон зиёд буданд. Аммо якеро то ҳол фаромӯш накардаам.

ЛЕОНИД БРЕЖНЕВ ВА МАТБУОТ

Дар рӯзномаи «Комсомольская правда» таҷрибаомӯз будам. Мудири шуъба Людмила Усолтсева бо кормандон Алексей Черниченко, Александр Росляков, Татяна Хорошилова маҷлис мегузаронид. Ман ҳам он ҷо ҳузур доштам. Ногоҳ аз қабулгоҳи сармуҳаррир Генадий Селезнёв як корманд давида даромаду гуфт, ки Черниченкоро фавран даъват доранд. Боз илова намуд, ки бо ӯ Котиби генералии КМ Леонид Илич Брежнев мехоҳад суҳбат кунад.

Росляков, ки бо шӯхиҳои нешдораш маъруф буд, ба қитиқи Алексей расида, бо ҳазл гуфт:

- Дав, дав, Леонид Илич махсус бо ту гап задан мехоҳад!

Мо ҳама хандидем. Ба назар расид, ки ин бозии навбатии ҳамкасбон аст. Вале корманд исрор кард, ки Алексей ба қабулгоҳи сармуҳаррир давад.

Генадий Селезнёв дар идора ҳузур надошт. Бо Леонид Брежнев муовини аввал гап мезад. Чанде нагузашта Алексей баргашт. Пур аз ҳаяҷон буд, аммо кӯшиш мекард худро ором гирад. Нақл кард, ки мақолааш дар бораи пудрати оилавӣ, ки ду рӯз қабл дар рӯзнома чоп шуда буд, ба Кремл писанд омадааст. Яке аз ёрдамчиёни Брежнев ба идора занг зада, гуфтааст: «Леонид Илич бо сармуҳаррир суҳбат кардан мехоҳад».

Сармуҳаррир ки набуд, муовини аввалро назди телефон даъват мекунанд. Вақте телефонро пайваст карданд, воқеан садои худи Леонид Брежнев дар гӯшӣ баланд шуд:

- Черниченко мақолаи хуб навиштааст. Ташаккури маро ба ӯ расонед.

Алексей нақл кард, ки муовини сармуҳаррир ҳамон лаҳза рост истода, бо як даст телефонро медошт ва бо дасти дигар арақи пешониашро пок мекард.

Мо ҳайрон мондем. Ин шӯхӣ не, баёнгари нақш ва қудрати матбуот дар он замон буд. Як матлаби оддии рӯзноманигор метавонист то ба гӯши роҳбари аввали Иттиҳоди Шуравӣ бирасад.

Ман дар идомаи суҳбат ба Шерализода гуфтам:

- Воқеан, замони Шуравӣ чунин ҳолатҳо бисёр буданд. Аз Кремл ба идораҳои рӯзномаҳо занг мезаданд, то нишон диҳанд, ки матбуот зери назар аст, ҳамзамон бо чунин амал эътироф мекарданд, ки онҳо рӯзнома мехонанд.

Сипас, мисоли дигар овардам:

- Бобоҷон Ғафуров низ ҳамин одатро доштаанд. Ҳанӯз соати шаши саҳар, вақте ки шаҳр хоболуд аст, он кас ба вазирон телефон карда, мепурсиданд: «Фикратон дар бораи фалон мақола чист?». Ба ҳамин хотир вазирон ва раисон маҷбур буданд, ки ҳар саҳар навбат истода, рӯзнома харанд. Хондани рӯзнома барои онҳо на танҳо шавқ, балки ба зарурат мубаддал шуда буд.

Шерализода бо табассум ба сухани ман илова карданд:

- Ана ҳамин аст қудрати матбуот. Ҳарфе, ки рӯзноманигор менавишт, метавонист одамони баландпояро ҳам ба изтироб андозад, ба андеша водор кунад. Ҳар кас, ки рӯзнома намехонад, аз воқеияти ҷаҳон бехабар мемонад.

Муродуллоҳ Шерализода сигор оташ доданд. Дуди сафеди он ба фазои хона печид. Он кас гуфтанд:

- Қимати кори рӯзноманигор ду баробар меафзояд, вақте ки мақолааш на танҳо хонандаи оддӣ, балки масъули баландпояро низ водор мекунад, ки субҳи барвақт, бо чашмони хоболуд ба дӯкон давад, рӯзнома харад ва бо изтироб саҳифаҳои онро варақ занад.

Шерализода баъди шунидани нақли ман дар бораи рӯзҳои таҷрибаомӯзӣ дар «Комсомольская правда» ва ҳодисаи бо Черниченко рухдода бо табассум гуфтанд:

- Ана ҳамин лаҳзаҳо нишон медиҳанд, ки журналистика танҳо таҳлил ё назария нест, балки зиндагии воқеист.

ЯК ДАСТАИ ГУЛ КИРО КУШТААСТ?

Ман низ аз таваҷҷуҳи он кас ба шавқ омада, идома додам:

- Солҳои донишҷӯӣ дар МГУ барои ман давраи воқеии ташаккули касбӣ буданд. Дарсҳо пуршиддат, аммо ҳавасмандкунанда буданд. Ҳар як баҳс, ҳар як супориш моро маҷбур мекард, ки бештар хонем, амиқтар фикр кунем ва ҷаҳонро аз нигоҳи рӯзноманигор бубинем. Ба ғайр аз машғулиятҳои назариявӣ, бо «Комсомольская правда» ҳамкорӣ мекардам. Ҳамон солҳо як очерке бо номи «По следу лазурита» дар ҳафтаи як саҳифаи “Комсомольская правда” чоп кардам, ки то имрӯз аз хотирам намеравад. Кормандони редаксия, ҳамсабақон бо дастагулҳо маро табрик карданд.

Албатта, чунин ҳамраъйӣ ба рӯзноманигор бол мебахшад. Он дам ту эҳсос мекунӣ, ки кори бузургеро анҷом додаӣ ва сухани ту ба дилҳо роҳ ёфтааст. Аммо, мутаассифона, муҳити журналистии мо чунин фазоро намешиносад. Агар ҳатто «Шоҳнома» нависӣ, ҳамкасбат аз паҳлуят бо сари хам гузашта меравад, гӯё чизеро нахондаасту нашунидааст. Ҳол он ки, танҳо як «муборак бошад» гуфтан на қимати одамро паст мекунад ва на эътиборашро кам. Баръакс, сухани нек рӯҳи эҷодкорро қавитар месозад, ба қалам неру мебахшад ва муҳити дӯстона меофарад. Мутаассифона, мо одат кардаем, ки хомӯш бошем, на қадршинос. Ҳамин хомӯшӣ бисёр вақт гаронтар аз ҳар гуна интиқод меафтад.

Он солҳо дар “Комсомольская правда” мақола чоп кардан душвор буд. Зеро талабот сахт буд. Аз сад маводе, ки ба идораи рӯзнома ворид мешуд, ҳамагӣ яктоаш рӯи чопро медид. Дигар ҳамааш ба сабади рӯзнома мерафт.

Шерализода, ки бо диққат ба ҳар сухани ман гӯш мекарданд, каме ба курсӣ такя дода, гуфтанд:

- Бале, мутаассифона, чунин муҳит танҳо хоси журналистика нест. Инро дар табиати мардум бояд ҷуст.

Сипас, пурсиданд:

- Очерк дар бораи чӣ буд?

- Дар бораи сафар бо геологҳои советӣ ба Бадахшони Афғонистон. Он замон вазъ нисбатан ором буд, имкони сафар доштем. Мо то қуллаи тақрибан панҷ ҳазор метр баромадем. Дар қуллаи яке аз кӯҳҳои лоҷуварддара геологҳо кони лоҷувард пайдо карданд. Сафар хеле душвор буд: савори хару аспу гову пиёда, аз роҳҳои пурсангу хатарнок мегузаштем. Аммо ҳамон сахтиҳо “ҷазо”-и воқеии журналист буданд - мушоҳида кардан, бо чашми худ дидан, бо вуҷуди хатар навиштан.

Шерализода сарашонро каме хам карда, андешаомез гуфтанд:

- Ман ҳам ба он кӯҳҳо рафтаам. Афғонистонро бе бӯйи хокаш, бе роҳҳои хатарнокаш фаҳмидан намешавад. Ва очерки шумо ҷоиза гирифт, ҳамин тавр?

- Бале,- ҷавоб додам ман.- Аммо мукофот барои ман муҳим набуд, муҳим таҷриба буд. Дар бозгашт вазъ ногаҳон дигар шуд: дар Кобул тарафдорони ҳизби «Шуълаи ҷовид» тазоҳурот барпо карданд. Онҳо ҳатто сафири Амрикоро гаравгон гирифтанд. Ба мо телефонограмма омад, ки зуд ба Кобул баргардем. Аммо дар Бадахшони Афғонистон ба муҳосира афтодем. Бо кумаки дӯстони афғон, бо мушкилоти зиёд тавонистем аз он вазъият берун бароем.

Шерализода оҳиста сар ҷунбонида, гуфтанд:

- Журналистика ҳамин аст, ки ҳамеша дар канори воқеа ва дар маркази хатар қарор дорӣ. Хусусан дар Афғонистон.

Ман тасдиқ кардам:

- Дуруст мегӯед. Баъдан кори дипломиро низ дар мавзуи матбуоти Афғонистон навиштам: таҳлили рӯзномаи «Анис». Роҳбари кори дипломиам декани факулта Засурский Ясин Николаевич буданд.

Нигоҳи Шерализода равшантар гашт:

- «Анис»-ро ман ҳам зиёд мехондам. Ҳангоми дар Кобул буданам ҳар рӯз онро дастрас мекардам. Дар Афғонистон, бо вуҷуди ҳама фишорҳо, рӯзноманигорон талош мекарданд садои ҷомеа баланд бошад.

Ман афзудам:

- Нозукии журналистикаи Афғонистон ҳамин буд: ҳар калима метавонад сарнавишти рӯзноманигорро тағйир диҳад. «Анис» кӯшиш мекард миёни садоҳои мухталиф ҷое барои гуфтугӯ пайдо кунад.

Шерализода бо нигоҳе ҷиддӣ ва каме тӯлонӣ ба ман гуфтанд:

- Ин чизест, ки мо низ бояд дар хотир дошта бошем. Журналистика танҳо хабар додан нест, масъулият аст. Масъулияти ҳақ гуфтан, ҳатто агар он ба ҷони кас хатар ҳам оварад.

(Давом дорад)

Шариф Ҳамдампур

КИШОВАРЗӢ

$ 16 МИЛЛИОН ВА БЕШ АЗ 1000 ГОВ

Имзои 10 санади ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Беларус

Дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 18-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Беларус оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ баргузор шуд. Дар доираи ин ҷаласа 10 созишномаи нави ҳамкорӣ ба маблағи умумии 16 миллион доллар ба имзо расид. Тавре Вазорати кишоварзии Тоҷикистон хабар медиҳад, ҷонибҳо дар ҷаласа таъкид намуданд, ки муносибатҳои Тоҷикистону Беларус бар пояи шарикӣ ва эътимод қарор дорад. Ҳамкориҳои истеҳсолӣ, илмӣ ва техникии ду кишвар мунтазам густариш меёбанд. Ҳоло Беларус дар миёни шарикони асосии иқтисодии Тоҷикистон дар зинаи ҳаштум меистад.



АФЗОИШИ НАЗАРРАС ДАР ГАРДИШИ МОЛ

Ба иттилои Вазорати кишоварзии Беларус, гардиши мол миёни ду кишвар дар ҳафт моҳи аввали соли 2025 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 152 фоиз афзоиш ёфтааст. Содироти Беларус ба Тоҷикистон 154 фоиз бештар гардидааст. Маҳсулоти асосии содиротӣ аз гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ (бо афзоиши 7,2 маротиба), тухм (4 маротиба), шакар, маҳсулоти ширӣ, чорвои зинда иборатанд. Дар навбати худ, Тоҷикистон ба Беларус асосан меваи хушк ва чормағз содир мекунад.

ВОРИДОТИ БЕШ АЗ 1000 ГОВ

Масъалаи рушди чорводорӣ низ дар ин ҷаласа мавриди баррасии махсус қарор гирифтааст. Ҷонибҳо таҷрибаи Беларусро дар соҳаи чорвопарварӣ арзишманд арзёбӣ намуданд. Ба иттилои расмӣ, танҳо дар нимсолаи аввали соли 2025 аз Беларус ба Тоҷикистон 1 056 сар чорвои калони шохдор ворид карда шудааст. Ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 42 фоиз зиёд мебошад.

Вазири кишоварзии Тоҷикистон қайд кардааст, ки баргузории чунин ҷаласаҳо барои тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва бахшҳои дигар шароити мусоид фароҳам меорад.

Зимнан, вазири кишоварзӣ ва озуқавории Беларус Юрий Горлов изҳори умедворӣ кардааст, ки ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои саноати сабук, дорусозӣ, маориф, илм ва сармоягузорӣ боз ҳам густариш хоҳанд ёфт.

Инчунин, ҷонибҳо омодагии худро барои таҳкими ҳамкориҳои байниминтақавӣ ва рушди лоиҳаҳои муштарак дар самтҳои гуногун таъкид намуданд.

НАРХУ НАВО

ИСТЕҲСОЛИ ГӮШТ ЗИЁДУ НАРХ ДУЧАНД

Тибқи маълумоти оморӣ, дар моҳҳои январ то августи соли 2025 дар ҷумҳурӣ 164 ҳазору 55 тонна гӯшти чорвои калон ва майда истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,3 фоиз зиёд мебошад.



Афзоиши ҳаҷми истеҳсол асосан ба ҳисоби баланд шудани маҳсулнокии чорво ва зиёд шудани саршумори он дар вилоятҳо марбут дониста мешавад. Дар ин давра истеҳсоли гӯшт дар вилояти Хатлон 11,9 фоиз, вилояти Суғд 11,6 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 2,3 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 5 фоиз афзоиш ёфтааст.

Бо вуҷуди болоравии ҳаҷми истеҳсоли гӯшт, нархи он дар бозорҳои кишвар пайваста рӯ ба афзоиш дорад.

Агар дар соли 2018 як килограмм гӯшт ба ҳисоби миёна 40 сомонӣ арзиш дошт, имрӯз ин нишондиҳанда аз 75 то 100 сомонӣ расидааст.

Ба ҳолати 1-уми сентябри соли 2025 саршумори чорвои калони шохдор дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 2 миллиону 851 ҳазор сарро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,4 фоиз зиёд аст. Ҳамчунин, саршумори гӯсфанду буз 7 миллиону 449,3 ҳазор сарро ташкил намуда, дар муқоиса бо соли гузашта 5,5 фоиз афзоиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, аз саршумори умумии чорвои калони шохдор 93,9 фоиз ва аз саршумори гӯсфанду буз 82,1 фоиз ба ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд.

Коршиносон сабабҳои болоравии нархи гӯштро ба афзоиши арзиши истеҳсол, хӯроки чорво ва омилҳои дигар рабт медиҳанд.

Усмон РАҲИМЗОДА

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

ПЕШ АЗ БОЗОР РАФТАН ЧИРО БОЯД ДОНИСТ?

Харид кардан дар бозор на танҳо як роҳи хуби сарфаи маблағ, балки имкони интихоби маҳсулоти тару тоза мебошад. Аммо, ин фақат дар сурати донистани чанд қоидаи оддӣ имконпазир аст.

ПЕШ АЗ ХАРИД РӮЙХАТ ТАРТИБ ДИҲЕД

Пеш аз рафтан ба бозор рӯйхати маҳсулоти заруриро тартиб диҳед. Ин ба шумо кумак мекунад, ки аз хариди чизҳои ғайризарурӣ худдорӣ намуда, харидро бо тартиб анҷом диҳед. Ба андешаи иқтисодшинос Маҳина Ҷӯраева, барои сарфакорӣ дар хариди рӯзмарра, шахс бояд одати тартиб додани рӯйхати пешакии маҳсулотро пайдо кунад. “Харид бе нақша одатан ба харҷи нолозим оварда мерасонад”,- мегӯяд ӯ. **Маслиҳат:** Барои сарфаи бештари вақт, маҳсулотеро, ки вайрон намешаванд ва ё муҳлаташон дароз аст, аз мағозаҳо ё супермаркетҳо харед. Зеро одатан нархи онҳо пасттар аст ё тахфиф ҷорӣ шудааст.



НАРХҲОРО МУҚОИСА НАМОЕД

Дар бозор нархи маҳсулот бештар ба фурӯшанда вобаста аст ва фарқ мекунад. Бинобар ин, пеш аз анҷом додани харид, ҳадди ақал дар ду-се дӯкон ё растаҳои бозор нархҳоро пурсед, муқоиса намоед. **Маслиҳат:** Дӯкону растаҳои дохили бозор ё онҳое, ки дар охири қаторанд, аксар вақт нархҳои дастрас пешниҳод мекунанд.

АЗ САВДО КАРДАН НАҲАРОСЕД

Савдо кардан як амали муқаррарӣ ва қобили қабул дар бозор аст. Бо фурӯшанда хушмуомила бошед. Эҳтиром дар муошират метавонад ба коҳиши нарх мусоидат намояд. Ҳамчунин, барои пешгирӣ аз харҷи зиёдатӣ, бо худ миқдори муайяни пул гиред, ки ба рӯйхати маҳсулоти лозима мувофиқат кунад. Ҳангоми муқоисаи нархҳо ба сифати маҳсулот низ аҳамият диҳед. Баъзан арзонтарин маҳсулот метавонад бесифат ё муҳлаташ гузашта бошад. **Маслиҳат:** Саволи оддии “Нархи охиринаш чанд аст?”, “Арзонтар намешавад?” метавонад натиҷаи хуб дихад. Яъне, нархи маҳсулот паст ва маблағи сарфашуда ба хариди чизҳои дигар истифода мешавад.

МАСЛИҲАТҲОИ ИЛОВАГӢ

Якум, бо табассум ва хушмуомила муносибат намоед. Эҳтироми шумо ба фурӯшанда метавонад ба гирифтани маҳсулоти арзонтар сабаб гардад. Дуюм, миқдори харидро зиёд намоед. Зеро, агар чанд маҳсулот ё миқдори зиёд харед, имкони тахфиф бештар мешавад. Сеюм, вақти муносибро интихоб кунед. Дар охири рӯз баъзан фурӯшандаҳо омодаанд, ки маҳсулотро бо нархи пасттар фурӯшанд, то маҳсулот боқӣ намонад. Дар маҷмуъ, бо хариди оқилона дар бозор метавонед на танҳо маблағатонро сарфа кунед, балки таҷрибаи хуб дар зиндагӣ гиред. Бо рӯйхати харид, муқоисаи нархҳо, муоширати хуб бо фурӯшанда ва маҳдуд кардани харочот, шумо метавонед як хариди муфиду босамар анҷом диҳед.

ЧАРО ДАР ҶОПОН РЎЗИ МУАЛЛИМ НЕСТ?



Боре аз ҳамкори ҷопониам, муаллим Ямамота пурсидам: “Дар Ҷопон Рӯзи муаллимро кай ва чӣ гуна ҷашн мегиранд?”. Ӯ аз ин гап ҳайрон шуд ва гуфт: “Мо Рӯзи муаллим надорем!”. Намедонистам ба ӯ бовар кунам ё не. Ба худ гуфтам: “Чаро дар кишвare бо чунин иқтисоду илми пешрафтаву фанноварии густарда ба муаллиму кораш чунин беэҳтиромӣ мекунанд?”.

***

Рӯзе Ямамота маро ба хонааш хонд. Ӯ дур аз мактаб зиндагӣ мекард. Савори метро шудем. Мардум аз кор бармегаштанду вагонҳо лабрез аз одам буданд. Ман бо душворӣ аз миёна тӯда гузаштаву коре карда, даст ба нардае задаму сахт доштам. Ногаҳ пирмарде, ки пеши рӯям нишаста буд, ҷояшро ба ман дод. Ман ки чунин рафтори боэҳтиромонаро аз пирмарде чашм надоштам, пешниҳодашро напазируфтам, аммо ӯ пофишорӣ кард ва ман ночор нишастам. Аз метро, ки баромадем, шарҳи ин рухдодро аз Ямамота пурсидам. Ӯ лабханд зад ва бо ишора ба нишони муаллимиам гуфт:

- Ин пирмард нишони муаллимиатонро дид ва бо арзи эҳтиром ба касбатон ҷояшро ба шумо дод.

Чун бори нахуст ба хонаи дӯстам мерафтам, дасти холӣ рафтанро ҷоиз надонистам ва хостам ҳадяе бихарам ва ин тасмимамро ба Ямамота гуфтам. Ӯ розӣ шуд ва гуфт, ки чилӯтар мағозае барои омӯзгорон ҳаст, он ҷо ҳар чӣ хостед, бо нархи арзон мехаред. Эҳсосҳоямро натавонистам пинҳон кунам ва ҳаяҷонзада гуфтам:

- Молҳоро танҳо ба омӯзгорон арзон мефурӯшанд?

Ямамота гапамро тасдиқ кард ва афзуд:

- Дар Ҷопон муаллимӣ муҳтарамтарин касб асту муаллим муҳтарамтарин кас. Корофаринони ҷопонӣ, вақте муаллимон ба мағозаҳояшон меоянд, сахт хурсанд мешаванд ва инро ифтихори бузурге барои худ медонанд.

***

Замони зиндагиам дар Ҷопон ман борҳову борҳо эҳтироми бемонанди ҷопониҳоро ба муаллимон дидаам. Дар метро барои онҳо ҷойҳои махсус вуҷуд дорад, дар ҳама шаҳрҳо мағозаҳои худашонро доранд, дар ҳеч чое дар навбат намеистанд. Аз ин ҷост, ки муаллимони ҷопонӣ ниёз ба Рӯзи муаллим надоранд.

Ин достонро овардаву бо тамоми вуҷудам мехоҳам, ки ҷомеаи мо низ ба чунин сатҳе рушд кунаду бо чунин нигоҳ муаллимро бубинад ва муаллим шоистаи чунин унвони олӣ бошад.

Ин паёмро ба ҳамаи ҳамкорони худ бирасонед. Бигзор синаҳои мо саршор аз ғурур гардад. Муаллим, пеши номи ту ман сар фуруд меоварам!

Рустам БИСЕНЕВ
Тарҷумаи Ю. ЮСУФӢ

ИМТИЁЗҲОИ НАВИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БА ОМӮЗГОРОН

Ҳафтаи гузашта Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев имтиёзҳои навро ба омӯзгорон ҷорӣ кард. “Овози Самарқанд” онро нашр кардааст, ки пешкаши шумо мекунем.



- 25 дарсади пардохти ибтидоии ипотека ба омӯзгороне, ки собиқаи 15-сола доранд, баргардонида мешавад.

- Фарзандони омӯзгорон дар донишгоҳи давлатӣ бо 30 дарсад тахфиф аз рӯи шартнома таҳсил мегиранд.

- Ба муаллимон барои харидани компютерҳо то 10 миллион сӯм кредити имтиёзнок дода мешавад.

- Пардохти хизмати давлатӣ барои омӯзгорон ду баробар кам карда мешавад.

- Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ сертификати миллӣ ҷорӣ карда шуда, 15 дарсад мукофотпулӣ дода мешавад.

- Бакалаврҳое, ки дипломи имтиёзнок доранд, ҳангоми дар мактаб кор кардан категорияи тахассусии 2-юм ва магистрҳо категорияи тахассусии 1-ум мегиранд.

- Ба муаллимоне, ки ба ТОП-300 донишгоҳ дохил мешаванд, то 20 ҳазор доллари ИМА кредити таълимӣ дода мешавад.

- Ба муаллимони ТОП-100 мактаб/боғча, ТОП-20 техникум, ТОП-10 МТО барои чиптаҳои дохилӣ 15-20 дарсад тахфиф дода мешавад.

НАФАҚАИ МУАЛЛИМА ДУРУСТ ҲИСОБ ШУДААСТ

Вокуниш ба мақолаи

«267 СОМОНӢ НАФАҚА БАР ИВАЗИ 33 СОЛИ ОМӮЗГОРӢ»


ҶОМЕА

ҶИЛЛ ДАР ОРЗУИ ДИДОРИ МУЛЛО ҶАЛИЛ

267 СОМОНӢ НАФАҚА БАР ИВАЗИ 33 СОЛИ ОМӮЗГОРӢ

Вокуниши Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд ба навиштаи "267 сомонӣ нафақа бар ивази 33 соли омӯзгорӣ" дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" аз 6-уми августи соли 2025, №32 (1645).

Дар ҳафтанома шаҳрванд Раҷабов Эҳром, сокини шаҳри Истаравшан, деҳаи Қалъаи Баланд оид ба бозбинӣ намудани нафақаи муаллима Раҷабова Муҳаббат Аҳмадқуловна, сокини шаҳри Истаравшан, деҳаи Поҷиндак навиштааст.

Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд таъини нафақаи шаҳрванд Раҷабова Муҳаббат Аҳмадқуловнаро мавриди таҳлил ва бозбинӣ қарор дод.

Зимни бозбинӣ маълум гардид, ки Раҷабовяа Муҳаббат Аҳмадқуловна санаи 23-юми декабри соли 1962 таваллуд ёфта, аз санаи 29-уми феврали соли 2016 дар асоси хулосаи шуъбаи байниноҳиявии Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии шаҳри Истаравшан ҳамчун маъюби гурӯҳи дуюм аз бемории умумӣ эътироф гардидааст.

Таъини нафақа дар асоси шарту меъёрҳои моддаҳои 15, 18 ва 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ" ба роҳ монда шудааст.

Таҳлилҳо муайян намуд, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои дар парвандаи нафақавӣ мавҷудбуда Раҷабова Муҳаббат Аҳамадқуловна омӯзгор буда, асосан дар Мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №16-и шаҳри Истаравшан фаъолияти меҳнатӣ намудаанд.

Собиқаи умумии суғуртавиашон ҳамагӣ 445,97 моҳро ташкил додааст, ки аз ин 241,97 моҳ то санаи 01.01.1999 ва 204 моҳ баъди санаи 01.01.1999 то рӯзи таъинотро дар бар мегирад.

Маблағи умумии сармояи шартии нафақавӣ (бо назардошти индексатсия) 37767,53 сомониро ташкил додааст, ки аз ин 29036,00 сомонӣ то санаи 01.01.1999 ва 8189,48 сомонӣ баъди 01.01.1999 то рӯзи муроҷиат ба нафақа мебошад.

Андозаи қисми суғуртавии нафақаи суғуртавӣ аз ҳисоби сармояи шартии нафақавӣ 267,52 сомонӣ аз санаи 29-уми феврали соли 2016 муайян ва бори нахуст таъин карда шудааст.

Таҳлилҳо ва бозбинии андозаи нафақаи Раҷабова Муҳаббат Аҳамадқуловна маълум намуд, ки собиқаи кории суғуртавӣ, сармояи шартии нафақавӣ ва андозаи қисми суғуртавии нафақа дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъминоти нафақа дуруст ҳисоб ва пардохт шудааст.


Баъдан андозаи нафақаи Раҷабова Муҳаббат Аҳмадқуловна дар асоси Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» чунин зиёд карда шудааст (солҳои 2018, 2020, 2023, 2024). Ҳоло андозаи нафақаи Раҷабова Муҳаббат Аҳмадқуловна аз санаи 1-уми июли соли 2024 ба 464,88 сомонӣ баробар карда шуда, саривақт пардохт шуда истодааст.

Дар оянда низ ҷиҳати зиёд намудани андозаи нафақаи Раҷабова Муҳаббат Аҳмадқуловна тадбирҳо андешида мешавад.

Сардори раёсат,
Мунимов С. М.

САРВАТИ ИСФАНДИЁР ҒУЛОМОВ

Дар дунё одамони наҷибе ҳастанд, ки ақлу заковат, донишу хирад ва маҳорату истеъдодашон мисли уқёнус ҳадду канор надорад. Бо ин тоифа соатҳо аз ҳар боб суҳбат карда, кас ҳеҷ аз гуфтори ширин ва сеҳрангезашон сер намешавад, зеро ҳар як ҳарф, ҳар як сухан, ҳар андешаашон мисли гавҳари қиматбаҳое, ки ба тозагӣ аз садаф берун омадааст, тобишу ҷилои ба худ хос дошта, пуразриш аст. Яке аз чунин инсонҳои шариф ҳунарманди маҳбуб ва машҳури тоҷик Исфандиёр Ғуломов мебошад, ки дар арафаи ҷашни Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба унвони баланди Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон сарфароз гардид.



ҲУНАРНАМОЙ ДАР ҚРИМ

- Шумо дар як суҳбататон гуфтаед, ки аслан хаёли ҳунарпеша шуданро дар сар надоштед...

- Бале, ман аз овони кӯдакӣ суруд хонданро хеле дӯст медоштам ва мехостам овозхон шавам. Бо ҳамин мақсад ба Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе омадам, вале гуфтанд, ки ту ҳанӯз хеле хурд ҳастию овозат тағйир меёбад. Мо танҳо баъди 18-солагӣ ба бахши вокал, яъне овозхонӣ қабул мекунем, вале ту метавонӣ навозандагиро омӯзӣ. Ҳамин тавр ба шуъбаи навозандагӣ дохил шуда, виолончел менавохтам, вале хӯроке, ки медоданд, ба мичози ман мувофиқ наомад ва бемор шудам. Маро барои табобат ба Қрим фиристоданд. Дар он ҷо бо як мӯйсафеди санъатдӯст ошно шудам, ки маро хеле дастгирӣ мекард. Ҳардуямон шаҳр ба шаҳр гашта, ба қавле консерт медодем. Аввалин костюми саҳнавии маро низ ҳамон мӯйсафед супориш дода, дӯзонда буд (механдад).

- Пас чӣ шуд, ки овозхониро раҳо карда, думболи театр ва киноро гирифтед?

- Пас аз баргаштан аз Қрим устодонам ба ман маслиҳат доданд, ки ба хонаамон, яъне ба Шаҳринав ба назди падару модарам баргардам, зеро меъдаам ҳеҷ ба хӯроке, ки дар омӯзишгоҳ медоданд, мутобиқ нагашта, зудзуд бемор мешудам...

САРБОЗИ ҶАСУРЕ АЗ ДИЁРИ РУСТАМИ ДОСТОН

- Апаҳоятон Сочида Ғуломова коргардони хушзавқ, Фотима Ғуломова актрисаи машҳур ва бисёр бомаҳорат буданд. Кам андар кам чунин мешавад, ки аз як оила се санъаткор барояд. Волидонатон ҳам санъаткор буданд?

- Падарам аз Сиистони Эрон ва сарбоз буданд. Сарнавишти он кас хеле аҷиб аст. Падарам дар ҷавонӣ ба Гулшоҳ ном духтари зебои эронӣ ошиқи шайдо мешаванд, аммо волидони духтар ба издивоҷи онҳо ризоят намедиҳанд. Падарам қаҳр карда, тарки хонаву дар мекунанд ва сарбоз мешаванд. Замони инқилоб, вақте ки онҳо ба муқобили шоҳ шӯриш мебардоранд, шоҳи Эрон аз Инглистон кумак хоста, шӯришро пахш мекунад. Устод Абулқосим Лоҳутӣ аз ҳамон замонҳо бо Сталин ошноӣ доштаанд ва ба Маскав хабар медиҳанд, ки аҳволи шӯришгарон дар Эрон хеле танг шудааст. Сталин маслиҳат медиҳад, ки ба СССР биёянд. Ҳамин тавр Абулқосим Лоҳутӣ ва аз паси он кас падарам бо як гурӯҳ эрониёни босавод ба Тоҷикистон меоянд. Азбаски он замон одамони босавод хеле кам буданд, онҳоро барои хату савод омӯхтан ба мардум ба ҳар минтақа равон мекунанд. Падарам дар Чузӣ, Элокӣ ва дигар деҳаҳои Шаҳринав солҳои зиёде муаллим буданд. Нақл мекарданд, ки босмачиҳо борҳо қасди куштани он касро намудаанд, аммо мардуми деҳот падарамро дар хонаҳояшон пинҳон мекардаанд.

АРӮСИ 13-СОЛА

- Модаратон ҳам аслан аз Эрон буданд?

- На, волидони модарам аз мардуми маҳаллӣ буда, каму беш молу сарват доштаанд ва онҳоро кулак карда, ба Сибир бадарға мекунанд. Ҳамин тавр онҳо беному нишон мешаванд ва тағоям, яъне бародари калонии модарам аз падарам хоҳиш мекунад, хоҳарашро, ки он вақт 12-13-сола будааст, ба занӣ бигирад, то хоҳаракаш аз гуруснагӣ намирад. Баъдҳо модарам бо ханда нақл мекарданд, ки вақте ба падаратон ба шавҳар баромадам, тамоман кӯдак будам ва чӣ будани заношавҳариро намедонистам, фақат бо дугонаҳоям лӯхтакбозӣ мекардам. Рӯзгордориро худи падарам ба модарам оҳиста-оҳиста ёд додаанд. Ҳамин тавр ба қавле бо кӯдакбозӣ соҳиби 8 фарзанд шудаанд, вале мутаассифона, имрӯз мо фақат 4 нафар мондаем. Дигар бародару хоҳаронам ба раҳмати худо рафтанд...

- Қиссаи ишқ ва издивоҷи волидонатон дар ҳақиқат ҷолиб аст. Худи шумо бо ҳамсаратон чӣ тавр ошно шудед?

- Дар пайвастани риштаи тақдири ман бо ҳамсарам Бонуҷон нақши апаҳоям Сочида ва Фотима хеле бузург аст. Падари Бону беҳтарин заргари Душанбе буданд ва ороишоти хеле зебою нафис месохтанд. Тамоми занону духтарони зебопараст, аз ҷумла апаҳои ман низ он касро хуб мешинохтанд. Боре ба хонаашон рафта мепурсанд, ки Бонуҷон, барои чӣ то ҳол шавҳар накардаӣ? Ин кас мегӯянд, ки охир Исфандиёр донишҷӯ буд, дар Маскав мехонд... Пас аз баргаштан апаҳоям гуфтанд, ки Бону бисёр духтари хуб аст, дилашро ба даст биёр, ҳаргиз пушаймон намешавӣ. Ростӣ аввал ҷуръат накарда, гуфтам, ки ман рафта ба ӯ чӣ мегӯям, вале апаҳоям "эй ту чӣ хел актёр, ки дили як духтара ёфта наметавонӣ" гӯён, худашон дар паси як дарахт пинҳон шуда, маро зӯран ба Китобхонаи Фирдавсӣ, ки Бону дар он ҷо кор мекард, равон карданд. Хулоса, он рӯз вохӯрдем ва Бонуро ба хонаашон гусел кардам. Баъд падарам ва амакам хостгорӣ рафтанд ва тӯйи мо дар ҳавлиашон барпо гашт...

- Мебинам, ки танҳо зиндагӣ мекунед. Фарзандонатон кӯҷоянд?

- Фарзандонамон бо оилаву фарзандонашон хориҷ аз кишвар зиндагӣ мекунанд, вале мудом аз ҳоли мо бохабар ҳастанд. Хеле мехрубонанд, намегузоранд, ки аз чизе танқисӣ кашем ё худро танҳо эҳсос намоем.

ПАЙРОҲАИ ҲУНАРӢ

- Акои Исфандиёр, баргардем сари пайроҳаи ҳунарии шумо. Нагуфтед, ки чӣ тавр ҳунарпеша шудед...

- Дар ҳунарпеша шудани ман нақши апаҳоям Соҷида ва Фотима бузург аст. Вақте ки ректори Донишкадаи санъати театрии Маскав ба Душанбе омад, онҳо ба ҷону ҳолам намонда, маро мачбур карданд, ки ба ин донишкада ҳуҷҷат супорам...

- Шояд тақдир бо воситаи апаҳоятон шуморо ба Маскав бурд...?

- Шояд, вале ростӣ солҳои аввали донишҷӯиям хеле азоб кашидам. Азбаски бо стипендия зиндагӣ кардан душвор буд, ду соли аввал кӯчарӯбӣ мекардам, баъд ба сифати хаткашон ба кор даромадам. Танҳо дар курси чорум, пас аз он ки маро ба филми "Қиссаи зиндони Павиак" даъват намуданд, аз роҳи ҳунар пул кор мекардагӣ шудам ва зиндагӣ дар Маскав бароям каме осонтар гашт...

- Воқеан, шумо дар баробари он ки дар саҳнаи театр нақш меофаред, дар синамо низ образҳои хеле ҷаззоб ва хотирмон офаридаед. Аз байни тамоми нақшҳои дар кино офаридаатон барои шумо кадомаш азизтар аст?

- Албатта барои ҳунарманд ҳар як образи офаридааш мисли фарзанд хеле азиз аст, вале ба ман аз филмҳои замони Шуравӣ нақшҳои дар "Қиссаи зиндони Павиак" ва "Гирдбод" бозидаам бештар писанданд.

- Аз нақшҳои солҳои охир офаридаатон чӣ?

- "Хоби сурх". Дар ин филм ман нақши як пирамарди девонаавзоъро мебозам, ки ҳанӯз дар фикри давлати Шуравӣ аст...

- Аксарияти ҳунармандон як хел типаж меофаранд, яъне образҳои офаридаашон ба ҳамдигар шабоҳат доранд, вале қаҳрамонҳои шумо мутафовит ҳастанд. Офаридани симо ва хислатҳои гуногун бароятон душвор нест?

(Давомаш дар саҳ. 13)

Ба тавоҷҷуҳи раиси ноҳияи Айнӣ Равшан Раҳимзода

«ЧОЙХОНАИ ГУЛНАЗАР» БОЯД СОХТ!

Тавонӣ, бо сухан афрӯз ҷонро,
Мунаввар кун дили хурду калонро.
Суханро ту макуш аз нотавонӣ,
Ки он ҳам мекушад ҳар нотавонро.



Оре, ҳақ ба ҷониби Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, муаллифи Суруди миллӣ, устоди зиндаёд Гулназар мебошад. Устод Гулназар тавонист, ки бо сухан ҷонҳоро неруи тоза бахшаду қалбҳои хурду бузургро мунаввар намояд. Ҳамин аст, ки Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хидматҳои эшонро ба назар гирифта, гулгашт ва мушоираи шоирро дар маркази ноҳияи Айнӣ ифтитоҳ бахшиданд. Ва шумо сиёсати Пешвои миллатро пайгирӣ карда, 20-уми сентябр 80-солагии мавлуди шоирро дар сатҳи баланд таҷлил кардед ва дӯстону мухлисони устод Гулназарро хушнуд намудед.

Зимни сафаре, ки ба ноҳияи Айнӣ доштем, чойхонаи марказии ноҳияи Айнӣ, ки дар паси муҷассамаи устод Гулназар воқеъ аст, диққати моро ҷалб кард. Хуб мешуд, ки МИҲД-и ноҳия ин чойхонаи миллии чӯбкориеро, ки дар солҳои 1986-1987 бо ҷалби устоҳои ҳунарманди маҳаллӣ бунёд шуда буд, маврид истифода қарор медод. Имрӯз ин чойхона ба назари гардишгарону сайёҳон як бинои нодаркор шуда мондааст. Ҳол он ки, обод кардан ва мавриди истифода қарор додани чойхонаи миллӣ ба ин гулгашт ҳусну таровати бештаре мебахшад ва онро ба макони истироҳатию фарогатии мусофирон, гардишгарон ва сайёҳон табдил медиҳад.

Бо эҳтиром:
Муллоназари Холназар,
Амирҳамзаи Сайидолим,
Сомони Нурмуҳаммад,
Сайидамир Боқизода,
Лоиқи Амирҳамза

АЗ ИДОРА:

ХУБ МЕШУД, КИ ИН ЧОЙХОНА ТАЪМИР ВА БА ОН “ЧОЙХОНАИ ГУЛНАЗАР” УНВОН ДОДА ШАВАД, ТО МАҲАЛИ ИСТИРОҲАТУ ФАРОҒАТ ВА ШЕЪРХОНИИ АЛОҚАМАНДОНИ ШЕЪРУ ШОИР БОШАД.



РӮЗИ РӮДАКӢ 100-СОЛА ШУД!

Як сада қабл зиёиёни равшанзамири миллати тоҷик аз Ҳукумати ҷавони Тоҷикистон нахустин маротиба дархост намуданд, ки ҳамасола рӯзи 2-3-юми иди Наврӯз - 22-23-юми моҳи март Рӯзи Рӯдакӣ таҷлил гардад. Ин чӣ тадбире буд?...



Аввалин пояҳои рӯдакишиносии замони нав солҳои 20-уми садаи XX дар сатҳи муносиби замон тарҳрезӣ гашт. То ин вақт Рӯдакиро фақат аз тазкираҳо ва аввалин китобҳои навбунёд оид ба таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дармеёфтанд, равшан аст, ки ашъори шоир ҳам хеле пароканда буд. Аз ин пас замина фароҳам омад, ки Рӯдакӣ дар ҷусторҳои адабшиносии тоҷик ҷойгоҳи хос ба даст оварад.

Ин нуктаро ҳам бояд арз кард, ки рӯдакишиносии даврони аввали бунёди афкори илмии адабшиносӣ дар Тоҷикистони шуравӣ аз ҷусторҳои сирф филологӣ дида бештар ба сабку салиқаҳои равшангарӣ ва равшаннамоиву маърифатпарварӣ наздик будааст. Ин замон равшангарон роҳҳои нозук, муассир ва ҳассоси ҷалби мардумро ба нуктаҳои зарурии дорои обишхӯри сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, усули хоси тарғиби адабиёти гузаштагон ҷуста ва ба бунёди мафкураи нави адабпажӯҳӣ замина фароҳам оварданӣ шуданд.

Пеш аз ҳама аз мақолаи донишманди маъруфи тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ бо номи “Шоири бузурги нахустини тоҷикон” (1925) ба некӣ метавон ёд кард, ки арзиши илмии шоиста дар шинохти ҷойгоҳи сазовори устод Рӯдакӣ дорад. Ин аввалин навиштаи пуртаҳлил ва натиҷабахш дар замони навин аст, ки то андозае ҷойи холии рӯдакишиносии ҳавзаи тоҷикони Осиёи Миёнаро дар замони охир пур кард. Он яке аз нахустин кӯшишҳои хубу назарраси таъйини “қимати шеъру шоирӣ”-и Рӯдакист. Аз сабаби он ки дар ҷусторҳои адабиётшиносӣ ва тазкиранигории садаи нуздаҳ ба ному шеъри Рӯдакӣ қариб таваҷҷуҳ нашуда, ин ном дубора бо кӯшишу талоши зиёиён эҳё гашт.

Т. Зеҳнӣ баробари зикри нуфузи шахсият, арзиши шеър, нақди раъйи тазкиранигорон, муаррифии афкори рӯдакишиносон аввалин маротиба дар замони нав “ба тариқи маслаҳат ба Нозироти маорифи кишварии Тоҷикистон ва Шурои илмии тоҷикони Ӯзбекистон” масъалаи ҷашни ҳазораи Рӯдакиро ба миён гузошт. Дар ин самт ба таҷрибаи баргузории чаҳорсадсолагии зодрӯзи шоири озарбойҷонӣ Муҳаммад Фузулӣ, иқдом ва омодагӣ ба таҷлили ҷашни панҷсадсолагии шоири ӯзбек Алишери Навоӣ равшан ишора шуд. Т. Зеҳнӣ бо ҳисси ифтихор навиштааст, ки “ҷашни Рӯдакӣ ба тамоми порсизабонони Шарқзамин аҳамияти бузург дорад”. Равшангарон ба ин нукта диққати аҳли замонаро бурданӣ шуданд, ки “... нажоди Рӯдакӣ набояд бесавод бошад. Барои миллате, ки беш аз ҳазор сол шоир ва нависандаи калоне монанди Рӯдакӣ дошта, барои миллате, ки осори адабӣ, илмӣ, фаннӣ ва ахлоқии он ба ҳазор сол пеш аз ин дар дунё ба ёдгор монда, бесаводӣ нанг аст, айб аст, зиллат аст”. Мебинем, ин гузориш қабат-қабат бо афкори ҷадидон дар гиромидошти рӯҳи гузаштагон ҳамоҳангӣ дорад, сифати миллии адабиёт ва нақди адабиро зоҳир мекунад. Ин нукта исбот мекунад, ки миллатсозӣ, сохтмони маънавии миллат, саодати аҳли ҷомеа қазияи ручъуъ ба рӯзгори гузаштаро ба вуҷуд оварда ва болишу нозиш аз таъриху адабиёти гузашта асоси мафкураи замон қарор гирифта, дар ин ҷустор таҷрибаи мардуми озарбойҷонӣ ва ӯзбек ба дарки ҳамаҷонибаи эҳсоси миллии зиёиёни солҳои 20-уми садаи бист дар боби қадрдонӣ аз аҳли адаби гузашта ба кор омадааст.

Натиҷаи ин гуна бардошти зиёиёни солҳои 20-уми садаи бист буд, ки маҷаллаи “Дониш ва омӯзгор” таҷлили Рӯзи Рӯдакиро ба миён ниҳод. Дар яке аз шумораҳои маҷаллаи маъруф дар соли 1926 мақолаи бисёр муҳими “Рӯзи Рӯдакӣ” бо имзои мустаори Деҳқон нашр гардид, ки дар баррасии матлаб саҳми матлуб дорад. Мақола бархе вежагии гароиши рӯдакишиносии замонро равшан мекунад. Ба ин маънӣ, таҷлили ҳарсолаи мақому мартабаи устод Рӯдакӣ як масъалаи муҳими пайванду муносибати замон ба мероси гузашта гашт. Қарордоди бузургдошти рӯҳи Рӯдакӣ “дар таъқиби як силсила дархостҳои заҳматкашони тоҷик, чӣ ба воситаи мақолот дар рӯзномаҳо ва чӣ забонӣ” ба амал омад. Тибқи ин дархостҳо “ҷиргаи (коллегияи) назорати маорифи Тоҷикистон рӯзи 2-3-юми иди Наврӯз Соли Навро Рӯзи Рӯдакӣ таъйин кард”...

Ба ин маънӣ, бо кӯшишу талоши зиёиёни солҳои 20-уми садаи бист номи абадзиндаи Рӯдакӣ дар давраи пасоинқилобӣ дубора ба курсии адабшиносӣ нишаст.

Истиқболи миллӣ арҷгузории жарфӣ ба Рӯдакиро афзуд, гиромидошти рӯҳу корномаи ин шахсияти фарзонаи миллат ба марҳалаи дигар ворид шуд. Соли 2002 дар Тоҷикистон 22-юми сентябр ба унвони рӯзи Рӯдакӣ ба рӯйхати ҷашнҳои миллии кишвар шомил шуд ва 23 сол аст, ки дар ин рӯз бо Рӯдакием, аз файзи гуфтори Рӯдакӣ ғизои нави маънавӣ мегирем. Вақте 22-юми сентябр фаро мерасад, 22-юми сентябри соли 1940 низ ба ёдамон мерасад, ки дар ин рӯзи таърихӣ аввалин гурӯҳи экспедитсионӣ аз Филиали Тоҷикистонии АИ СССР ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар ҳайати Гарритский ва Лутфулло Бузургзода ба қаламрави Панҷрӯд сафарбар шуданд, ки ин сафар ба тасдиқи бозёфтҳои устод Айнӣ дар кашфи маҳали дафни устод Рӯдакӣ равона шуда буд...

Субҳони АЪЗАМЗОД,
адабиётшинос

БОЗДОШТИ 400 ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУСИЯ



Вазорати корҳои дохилии Русия гуфтааст, ки бо дархости Тоҷикистон дар ҳашт моҳи имсол 400 нафари таҳти ҷустуҷӯро боздошт кардааст.

Ин омор дар ҷаласаи муштараки Владимир Колоколтсев, вазири корҳои дохилии Русия ва Рамазон Раҳимзода, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон рӯзи 22-юми сентябр дар Душанбе садо додааст. Маълум нест, ки ҳамаи афроди боздоштшуда ба Тоҷикистон истирдод шудаанд ё на.

Сомонаи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон низ аз мулоқоти вазирони ду кишвар дар Душанбе хабар нашр карда, гуфтааст, ки дар ин дидор “мубориза бар зидди ҷиноятҳои фаромиллӣ, мубодилаи иттилоот ва дигар масъалаҳо” баҳс шудааст.

Ҷузъиёти бештаре аз ин нишаст нест.

Ёдовар мешавем, ки вазирони корҳои дохилии Тоҷикистону Русия чанд рӯз қабл аз мулоқоти Душанбе дар Чин дидору мулоқот доштанд ва мавзуи шароити муҳоҷирони тоҷикро баррасӣ кардаанд. Ин дидор дар шароите баргузор мешавад, ки муҳоҷирони тоҷик аз мавҷи нави рейдҳои пулис дар Русия шикоят доранд.

Ба иттилои Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, вохӯрии Рамазон Раҳимзода бо Владимир Колоколтсев 17-уми сентябр дар Чин баргузор шуда буд. Ҷонибҳо дар бораи "масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, беҳтар намудани шароит ва вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар Русия" суҳбат кардаанд.

Аммо ҷузъиёти бештар аз ин вохӯрӣ нашр нашудааст ва барои ҳамин маълум нест, ки ду тараф дар бораи беҳтар кардани вазъи муҳоҷирони тоҷик ба чӣ хулоса расидаанд.

Мақомоти Русия мегӯянд, ки беш аз 700 ҳазор муҳоҷир дар ин кишвар санади дуруст барои ҳузур дар ин кишварро надоранд ва агар то 10-уми сентябр санадҳояшон аз нав таҳия нашавад, аз кишвар ихроҷ мешаванд.

ДУ ДУХТАР ВА ДУ ЗАНИ МИЁНСОЛ

Боздошти 4 нафар барои муроҷиат ба фолбин

Милитсияи Душанбе аз муҷозоти чор нафар барои рафтан ба назди фолбин хабар додааст. Мақомот мегӯянд, ки ду нафар аз инҳо духтарони ҷавон ва ду каси дигар занони миёнсол ҳастанд.

Гуфта мешавад, ки нисбати ин чор нафар бар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ санад тартиб додаанд.

Моҳи июли имсол Ҳукумати Тоҷикистон ба парлумон пешниҳод кард, ки барои рафтан ба назди фолбин ва ҷодугарҳо ва истифода аз кори онҳо ҷазо таъйин карда шавад.

Дар санаде, ки Вазорати адлия нашр кард, дида мешавад, ки барои рафтан ба назди сеҳрдон, ҷодугар ва фолбин аз 5 то 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (аз 375 то 750 сомонӣ) ҷарима таъйин шудааст.

Вале Раёсати корҳои дохилии Душанбе дар хабарномае навишт, ки муштариёни фолбин ва ҷодугарҳо аз 3700 то 4500 сомонӣ ҷарима мешаванд.

Мақомоти Тоҷикистон борҳо ба сокинон ҳушдор додаанд, ки аз рафтан ба назди фолбин ва ҷодугарҳо худдорӣ кунанд.

Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон соли гузашта хабар дода буд, ки мизоҷони фолбинҳо ба шуъбаҳои ВКД даъват шуда, номашон дар махзанҳои алоҳида бо расмҳояшон гузошта мешавад.

Мақомоти Тоҷикистон давоми як соли охир маъракаи мубориза бо фолбинон ва ҷодугаронро оғоз кардаанд. Вале пайвандони бархе аз ин боздоштшудаҳо гуфтаанд, ки хешовандони онҳо ҷодугар ё фолбин набуданд, балки танҳо дуохонӣ мекарданд.

ТАҲДИДИ ЗАН БАЪДИ АЛОҚА

ВКД лаҷоми Бӯстонҷонро кашид

Як сокини ноҳияи Ҷаббор Расулов бо иттиҳоми тамаъҷӯӣ ва қаллобӣ боздошт шудааст. Ӯ аз ҷумла бо зане робитаи маҳрамона дошта, бо таҳдид аз ӯ 1600 доллар гирифтааст. Ҳамчунин, дастикам 7 касро фиреб дода, аз 4 то 20 ҳазор сомонии онҳоро аз худ кардааст.



Дар барномаи “Ахбори ВКД”, ки рӯзи 18-уми сентябр нашр шудааст, аз гумонбаршуда Бӯстонҷон Абдураҳмонови 28-сола, сокини ноҳияи Ҷаббор Расулов ном бурда шудааст.

Ба иттилои манбаъ, Абдураҳмонов баъди муносибати маҳрамона бо зане ӯро таҳдид кардааст, ки дар бораи ин робита ба шавҳару аъзои оилааш хабар медиҳад ва аз ҷабрдида ду маротиба 1600 доллар маблағ гирифтааст: моҳи июли имсол 1 ҳазор доллар ва охири моҳи август боз 600 доллари дигар.

Дар навор зикр мешавад, ки Бӯстонҷон Абдураҳмонов баъди шикояти ин зан дастгир шудааст.

ВКД гуфтааст, ки дар раванди тафтишот чанд кирдори дигари Абдураҳмонов ошкор шудааст. Аз ҷумла, моҳи августи соли 2024 Абдураҳмонов аз волидони як даъватшаванда бо ваъдаи озод кардан аз хидмати ҳарбӣ 20 ҳазор сомонӣ гирифтааст, вале дар иваз барои ӯ коре анҷом надодааст.

Аз ин пештар ҳам, моҳи октябри соли 2023 Абдураҳмонов айнан чунин кирдор содир кардааст: аз падари як даъватшаванда барои "озод кардан" аз хидмат мошинеро гирифтааст, ки арзишаш 14 ҳазор сомонӣ будааст.

Ба иттилои манбаъ, гумонбаршуда худро ҳамчун кормандани мақомоти давлатӣ муаррифӣ карда ва ба ҷабрдидагон ваъдаи миёнаравӣ медодааст. Гуфта мешавад, ки ин шахс дар гузашта 2 маротиба зиндонӣ шудааст.

Ҳоло Бӯстонҷон Абдураҳмонов дар боздошт аст ва барои тамаъҷӯӣ (моддаи 250, қисми 3, банди "г") ва қаллобӣ (247, қисми 4, банди "б")-и Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон гумонбар мебошад. Моддаи аввалӣ аз 12 то 15 соли зиндон ва дувумӣ ҷарима ё аз 8 то 12 соли зиндонро пешбинӣ мекунад.



ҶАЗО БАРОИ ҚАТЛИ ФАРЗАНД

Суди вилояти Хатлон Юлдуз Бозорова, сокини 24-солаи ноҳияи Қубодиёнро, ки тобистони соли равон 3 кӯдакашро бо корд захмӣ карда буд, ба куштор гунаҳкор ва 28 сол равонаи зиндон кардааст.

Дар ин бора як манбаи “Азия-Плюс” аз суди вилоят хабар дода, гуфтааст, ки Юлдуз Бозорова бо модаи 104, қисми 2, бандҳои а, в, е (куштор) Кодекси ҷиноятӣ гунаҳгор дониста шуда, ҳукми додгоҳ 16-уми сентябри соли равон содир шудааст.

Манбаъ аз тафсилоти барасии парванда худдорӣ кард, чун “ҳукм ҳоло қувваи қонунӣ нагирифтааст ва тарафҳо имкон доранд дар муҳлати пешбининамудаи қонун аз болои ҳукм ба мақомоти болоии додгоҳӣ шикоят баранд”.

Дар ҳамин ҳол, мавқеи судшаванда, наздикон ва вакили дифои ӯ нисбат ба ҳукм маълум нест.

Ёдовар мешавем, ки шаби 21-уми июни соли равон Юлдуз Бозороваи 24-сола аз ноҳияи Қубодиён як духтар ва ду писари хурдсолашро бо корд захмӣ кард. Дар пайи ин, Хадича - духтараки шашмоҳае, ки ҳамроҳ бо ду бародараш (яке 4 ва дигарӣ 5-сола) бо захми корд бистарии беморхона буд, субҳи 5-уми июл дар шуъбаи эҳё ҷон бохт. Ду бародараш шифо ёфта, аз беморхона рухсат шуданд.

Дале ба ин кор даст задани модар маълум нест. Он замон моҷарои оилавиро сабаби ба ин амал даст задани зан арзёбӣ карда буданд.

ИММУНИЗАТСИЯ

- роҳи ягонаи муҳофизати духтарон аз саратон



Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми июли соли 2025, №408, дар тамоми кишвар аз 1 то 31-уми октябри соли равон маъракаи иммунизатсионии оммавӣ бар зидди вируси папилломаи одам барои духтарони синни 10-14-сола гузаронида мешавад. Зимнан, ваксинаи зидди вируси папилломаи одам, ки самарабахшу бехатар аст, ба духтарони синну соли мақсаднок ройгон (бепул) ворид карда мешавад.

ВИРУСИ ПАПИЛЛОМАИ ОДАМ ЧӢ ХАТАР ДОРАД?

Вируси папилломаи одам (ВПО) зиёда аз 200 намуд дошта, яке аз вирусҳои хатарнок дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, зеро он боиси пайдоиши бемории саратон шуда метавонад. Хусусан, намудҳои 16 ва 18-и вируси мазкур хатари зиёд доранд, зеро ба пайдошавии саратони гарданаки бачадон дар занон, саратони узвҳои таносул дар мардон, ҳамчунин саратони узвҳои ковокии даҳон ва мавқеи аногениталӣ оварда мерасонанд. Намудҳои дигари ВПО - 6 ва 11 омилҳои асосӣ барои пайдоиши омосҳои хушсифат, ба монанди папилломаҳои пӯст, кондиломаҳо ва озаххо шуда метавонанд.

ОЛИМОНИ САРАТОНШИНОС ЧӢ МЕГӮЯНД?

Тавре яке аз саратоншиносони маъруфи ҷумҳурӣ, доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи онкологияи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Умарзода Саида Ғайрат мегӯяд:

- Саратони гарданаки бачадон аз рӯйи паҳншавӣ дар ҷаҳон ҷойи 4-умро ишғол менамояд. Соли 2023 дар дунё тақрибан 640 ҳазор ҳолати нави гирифторшавӣ ба саратони гарданаки бачадон ва 311 ҳазор ҳодисаи фавт аз ин беморӣ ба қайд гирифта шудааст.

Таҳлили гирифторшавии занону духтарони синну соли аз 15 то 49-сола ба бемории саратон нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон саратони гарданаки бачадон баъди саратони ғадуди ширӣ ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Мувофиқи тадқиқоти Агентии байналмилалии омӯзиши саратон, дар 10 соли охир гирифторшавии занон ба саратони гарданаки бачадон дар синну соли ҷавонӣ (15-44-сола) ҳудуди 70% афзудааст, ки ин хеле ташвишовар мебошад.

Айни замон дар Тоҷикистон 2259 нафар занони гирифтори саратони гарданаки бачадон дар қайди марказҳои саратоншиносӣ қарор доранд. Соли 2024 дар ҷумҳурӣ 423 нафар занони мубталои саратони гарданаки бачадон бори аввал ба қайд гирифта шуда, 126 нафар аз ин беморӣ ҷони худро аз даст додаанд.

ПЕШГИРИИ САРАТОНИ ГАРДАНАКИ БАЧАДОН

Мутахассисони соҳаи тиб мегӯянд, ки роҳи ягонаи пешгирии бемории саратони гарданаки бачадон - иммунизатсия, яъне воридкунии ваксинаи зидди вируси папилломаи одам мебошад. Бо ҳамин мақсад ба Тақвими миллии иммунизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як ваксинаи нав илова шуда, аз 1 то 31-уми октябри соли равон барои тамоми духтарони синну соли 10-14-сола иммунизатсия бар зидди вируси папилломаи одам гузаронида мешавад. Минбаъд ҳар сол духтарони 10-сола иммунизатсия карда мешаванд.

ВАКСИНАГИРӢ ДАР КУҶО МЕГУЗАРАД?

Иммунизатсия бар зидди вируси папилломаи одам аз ҷониби кормандони тиб дар муассисаҳои таҳсилоти миёна гузаронида мешавад. Духтароне, ки ин ваксинаро бо ягон сабаб дар мактаб нагирифтаанд, иммунизатсияи онҳо дар муассисаҳои тиббии макони истиқомат гузаронида мешавад.

ДУХТАРОН КАДОМ НАМУДИ ВАКСИНАРО МЕГИРАНД?

Мародсилтон Назархудоева, духтур-эпидемиологи Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика” мегӯяд:

- Бо мақсади пурсамар гузаронидани маъракаи оммавии иммунизатсияи духтарони 10-14-сола ба муқобили вируси папилломаи одам, ҳанӯз моҳҳои май-июни соли 2025 ба ҷумҳурӣ 496410 вояи ваксинаи «Гардасил» ворид шудааст. Моҳи сентябр боз 24140 вояи ваксина ворид карда мешавад. «Гардасил» ваксинаи чорвалента буда, барои пешгирии 4 намуди вируси папилломаи одам (6, 11, 16 ва 18) пешбинӣ шудааст, зеро маҳз ин намудҳои вируси мазкур боиси пайдоиши бемориҳои саратони пӯст, пардаҳои луобии бадан, гарданаки бачадон ва дигар узвҳои ҷинсӣ мешаванд. Ваксинаи «Гардасил» дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико истеҳсол шуда, барои духтарони аз 9 то 14-сола тавсия мешавад, зеро дар ин синну сол иммунизатсия таъсир ва самарабахшии баланд дошта, масунияти қавии баданро таъмин менамояд. Самарабахшии ваксинаи «Гардасил» пас аз гирифтани як вояи он 97% ва аз он болоро бар зидди намудҳои 6, 11, 16 ва 18-и вируси папилломаи одам ташкил медиҳад. Дар натиҷа бо гирифтани 1 вояи ин ваксина духтарон минбаъд аз бемории саратони гарданаки бачадон эмин мемонанд.

ОРИЗАҲОИ ЭҲТИМОЛӢ

Ваксинаи зидди вируси папилломаи одам ба китфи духтарон ворид карда мешавад. Ҷойи гузаронидани сӯзандору каме сурхчатоб шуда метавонад, вале ин на аз ваксина, балки аз таъсири сӯзан буда, давоми як-ду шабонарӯз мегузарад. Пас аз ваксинагирӣ ҳарорати бадан метавонад андаке баланд шавад, вале ин комилан бехатар аст.

ДАР КАДОМ ҲОЛАТ ВАКСИНА ГУЗАРОНИДА НАМЕШАВАД?

Ваксинаҳо дар яҳдонҳои махсус нигоҳдорӣ шуда, бо сумка-яхдон ба макони гузаронидани иммунизатсия бурда мешаванд.

Иммунизатсияро 3 нафар кормандони тиб мегузаронанд ва пеш аз воридкунии ваксина духтарон аз ташхис гузаронида мешаванд. Дар ҳолатҳои зерин гузаронидани ваксина мавқуф гузошта мешавад:

- *Бемориҳои шадиди сироятӣ ва соматикӣ.*
- *Ҳарорати баланди бадан (> 380С).*

Дар ҳолатҳои зерин ба духтарон ин ваксина гузаронида намешавад:

- *Ҳассосияти баланд (аллергия) доштан ба ҳар як ҷузъи ваксина.*
- *Анафилаксия ба вояи ваксина.*
- *Гемофилия, тромбоситопения ва ё ҳама гуна вайроншавии системаи лахташавии хун (бо назардошти он, ки тазриқҳои дарунимушакӣ метавонанд хунравӣ ё гематомаҳоро ба вуҷуд оранд).*

Хулоса, иммунизатсия бар зидди вируси папилломаи одам ягон хавфу хатар надошта, танҳо бо мақсади ҳифзи саломатии духтарон, ки модарони оянда мебошанд, роҳандозӣ шудааст. Як вояи ваксинаи зидди вируси папилломаи одам қодир аст духтари шуморо солҳои тӯлонӣ аз бемории саратони гарданаки бачадон эмин нигоҳ дорад!

Фирӯза САТТОРӢ,
сомонаи Oila.tj

Толеънома

Ҳамал
21.03 - 20.04

Барои зодагони мучали ҳамал ҳафта бо даромади пулӣ оғоз меёбад, ки албатта руҳбаландкунанда аст. Аммо муҳим аст, ки аз харидҳои шитобкорона, махсусан дар нимаи дуюми ҳафта, канорагирӣ кунед.

Савр
21.04 - 21.05

Вазъи молиятон устувор ва даромади пулиятон хуб бошад ҳам, бояд бештар дар бораи хароҷот фикр кунед. Бисёр чизҳое, ки ахиран мехаред, дигар ба дилатон фарах намебахшанд. Аз ин рӯ, сарфаю сариштакорӣ муҳим аст.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Даромади пулиятон аз кори самараноки гурӯҳӣ пайдо мешавад. Эҳтимоли зиёд дорад, ки ба шумо ҳамкории нав пешниҳод шавад. Роҳбарият барои захмати шумо миннатдорӣ карда, метавонад мукофоти хуб диҳад. Маблағро фавран сарф накунед.

Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта бароятон мураккаб хоҳад шуд. Бояд аз хароҷоти калон худдорӣ кунед. Вақти хуб барои банақшагирии молиявӣ фаро расидааст: тартиб додани буҷети моҳона, ҳисоб кардани қарзҳо ва ёфтани роҳҳои сарфакорӣ.

Асад
23.07 - 22.08

Дар касбу кор худро нишон дода, метавонед мукофот гиред. Хавфи хароҷоти ғайричашмдошт кам аст, вале бехтараш эҳтиёт кунед. Қисме аз даромадро барои пасандоз ҷудо кардан зарур аст.

Сунбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта даромади пулӣ ва хароҷоти устувор доред. Ин ҳафта барои тартиб додани бучет хеле мувофиқ аст. Ҳафтаи серкорӣ хоҳад буд, вале захматҳоятон натиҷаи хуб меоранд. Дар охири ҳафта бояд аз харидҳои нодаркор ва қарзҳои ногаҳонӣ худдорӣ кунед.

Мизон
25.09 - 22.10

Бароятон ҳафта имкони ҳамкории муфид меорад. Агар пешниҳоди хуб шавад, бояд шарикро бодиққат арзёбӣ намуда, масъулиятро ба дӯш гиред. Маблағи муайянро захира намоед, ки дар наздиктарин вақт зарур мешавад. Бо вучуди ин, набояд худро аз лаззатҳо махрум созед.

Ақраб
23.10 - 22.11

Ин ҳафта бояд ба ҳисси дохилии худ такя кунед. Интуитсия роҳи дурусти молиро нишон медиҳад. Бароятон манбаъҳои иловагии даромади пулӣ пайдо мешаванд. Бояд аз баҳсҳо бо наздикон худдорӣ кунед, зеро эҳсосот метавонад шуморо ба хароҷоти зиёдатӣ барад.

Қавс
25.11 - 21.12

Қавсҳо ҳафтаи хуб дар пеш доранд. Бо меҳнат ва руҳбаландӣ дарҳои нави имкониятро барои худ мекушоед. Аммо эҳтимоли хастагӣ ва ҳатто бадшавии ҳолати равонӣ вучуд дорад. Бехтараш ба истироҳат ва сафарҳои кӯтоҳ диққат диҳед.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин ҳафта бояд сабр ва устуворӣ нишон диҳед. Маҳз ҳамин хислат ба шумо имкон медиҳад, ки муваффақияти бештар ба даст ored. Вақти муносиб барои банақшагирии дарозмуддат фаро расидааст. Ин на танҳо барои як ҳафта ё як мох, балки барои солҳои оянда аҳамият дорад.

Далв
21.01 - 19.02

Далвҳо набояд аз пешниҳодҳои ҷолиб худдорӣ кунанд. Пул метавонад ба таври ғайричашмдошт ба дастатон расад. Имкони гирифтани қарз аз наздикон ё оғоз кардани нақшаҳои кӯҳна низ вучуд дорад. Барои зодагони мучали далв ин давра гардиши мусбати ҳаётӣ аст.

Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳутҳо бояд бо пул эҳтиёткор бошанд. Ин ҳафта хавфи аз даст додани маблағи калон вучуд дорад, агар бепарво бошед. Пеш аз сармоягузорӣ ё қабули пешниҳоди молиявӣ, хама чизро бодиққат санҷидан лозим аст.

САРВАТИ ИСФАНДИЁР ҒУЛОМОВ

(Аввалаш дар саҳ. 9)

- Устодонамон дар Маскав ҳамеша талқин мекарданд, ки ҳунарманд бояд аз уҳдаи офаридани ҳама гуна нақш баромада тавонад ва ман нозу карашмаҳои бонувонро омӯхта, нақшҳои занонаро низ бозӣ кардаам. Дар намоишномаи "Мануки ҷасур" нақши шоҳдухтарро мебозидам. Вақте барномаро ба вазири фарҳанг Меҳрубон Назаров пешниҳод мекунанд, он кас мегӯянд, ки ин ҷо ғалат рафтааст, охир, дар рӯ ба рӯи нақши шоҳдухтар номи Исфандиёр Ғуломовро навиштаед. Ба он кас мефаҳмонанд, ки ғалат нест ва ин нақшро дар ҳақиқат ман мебозам, аммо бовар накарда, мегӯяд, ки канӣ, Исфандиёрро даъват кунед. Вақте бо либоси шоҳдухтар ба саҳна баромадам, гуфтанд, ки агар ту дар ҳақиқат Исфандиёр бошӣ, канӣ бо овози худат гап зан. Танҳо пас аз он, ки бо садои худам гап задам, бовар карданд ва ба ман офарин хонданд.

ҶОН ДАР КАФИ ДАСТ

- Дар баъзе филмҳо лаҳзаҳои хатарноке ҳастанд, ки ба ҷойи актёр он эпизодҳоро каскадёр бозӣ мекунад. Дар ҳаёти ҳунарии шумо ҳам чунин лаҳзаҳо буданд?

- Дар "Гирдбод" чунин лаҳзаҳои хатарнок буданд, вале ман ба коргардони филм Бақо-ака Содиқов гуфтам, ки мехоҳам худам он лаҳзаҳоро бозӣ кунам. Аввал розӣ нашуданд, вале чун диданд, ки истодагарӣ мекунам, ризоят доданд. Дар ин филм лаҳзае ҳаст, ки қаҳрамонро сарозер ба дарё меғӯтонанд. Ҳангоми наворбардорӣ маро бо ресмон дар кран баста, аз баландӣ ба поён сарозер нигоҳ медоштанд ва ҳар гоҳе, ки сарамро ба об меғӯтонданд, оби бисёри пур аз лой ва ифлосӣ аз гӯшу даҳону бинам даромада, ҳолатам бад мешуд.


Хуллас, то наворбардорон корашонро тамом карданд, ки тамоман ҳолатам бад шуда, ба дами марг раисдам ва аз ҳуш рафтам. Баъд ба ман нақл карданд, ки поям дар зери кӯпрук дармондаасту касе ҷуръат накардааст хам шуда, аз чунин баландии хатарнок ва ваҳшатангез маро ба ин тараф гирад. Дар ҳамин филм боз як лаҳзаи хатарноки дигар низ ҳаст, ки қаҳрамон дар байни ду қуллаи кӯҳ овезон аст ва онро низ худам бозидам. Аз ду тарафи кӯҳ 10-12-касӣ ресмонеро, ки маро ба он баста буданд, маҳкам медоштанд, вақте як тараф ресмонро суст мекард, ман бо шиддат ба тарафи дигари кӯҳ рафта мезадам ва хаёл мекардам, ки устухонҳоям реза-реза шуданд, баъд ресмонро ба байн мекашиданд ва ман бо ҳамин ҳол суханҳоямро мегуфтаму тарафи дигар ресмонро суст мекарданд ва боз гурсосзанон ба кӯҳ бармехӯрдам. Аъзои баданам вақти ба навор гирифтани ин лаҳзаҳо бар асари бархӯрдан ба шах ва сангҳои кӯҳ маъюб шуда монд. Пас аз наворбардории ин филм муддати шаш моҳ ангуштони дастамро ҷамъ карда наметавонистам...


- Бо ин ҳама ҷонфидоиҳо солҳои зиёде ягон унвон надоштед...

- Бале, апаи Фотима дар пиронсолӣ унвон гирифтанд, ман дар 70-солагӣ Ҳунарманди шоиста шудам ва ҳамин сол Президенти кишвар унвони Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистонро ба банда доданд. Апаи Соҷида тамоман унвон надоштанд, вале барои мо дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ ин чиз муҳим набуд. Унвони мо меҳру муҳаббати мухлисон ва эҳтироми халқ буду ҳаст.

ШАРОРАИ ХОТИРАҲО

- Воқеан, хоҳарбузургатон, зиндаёд Соҷида Ғуломова аз зумраи беҳтарин коргардонҳои телевизион буданд ва аксари ҳунармандони тоҷик маҳз бо шарофати намоишномаҳои он кас машҳур шудаанд, вале шумо ва Фотима Ғуломоваро ба намоишномаҳояшон даъват намекарданд. Чаро?





- Апаи Соҷида ҳамеша мегуфтанд, ки агар ман шуморо даъват кунам, як кас не, як кас ҳатман мегӯяд, ки хешутаборчигӣ карда, апаю додари худашро даъват кардааст. Апаи Фотима чанд бор норозигӣ карда гуфтанд, ки охир, ман ҳам актриссаи бад нестам, о мемурӣ, ки маро ҳам даъват кунӣ. Оқибат ба як намоишнома моро даъват карданд ва ман дар новеллаи телевизионии "Ҷиноят ва ҷазо" нақш бозидам. Тамошобинон намоишномаро хуб қабул карданд. Ин ягона нақше буд, ки ман дар намоишномаҳои апаам бозидаам.

- Аз апаҳоятон бо кӣ наздиктар будед?

- Ҳардуяшонро дӯст медоштам, вале бо апаи Фотима наздиктар будем. Он кас мудом занг зада мегуфтанд, ки Исфандиёрҷон, биё, ман туро пазмон шудаам. Апаи Соҷида бошанд, бо шӯхиҳояшон, бо ҳазлҳои намакинашон дар дилу ёди ман абадан нақш бастаанд. Он кас ҳар яки моро чунон моҳирона тақлид мекарданд, ки аз ханда қариб рӯдакан мешудем. Ёдашон ба хайр!

ДАР БОБИ НОБИҒАҲО

- Шумо як ҳунарманди ҳирфаӣ ҳастед ва таҷрибаи бой доштаа, ба пояи устодӣ расидаед. Аз ҳунармандони тоҷик киро нобиға мешуморед?

- Ато Муҳаммадҷонов ва Маҳмудҷон Воҳидов, чунки ин ду ҳунарманд дар санъати тоҷик таҳаввулот карданд, навоварӣ намуданд ва беназир буданд.

- Беҳтарин филми "Тоҷикфилм" аз нигоҳи шумо?

- Қори ишкамба ("Марги судхӯр")-и Тоҳир Собиров, "Рустам ва Суҳроб"-и Борис Кимягаров ва "Гирдбод"-и Бақо Содиқов.

- Беҳтарин филме, ки синамогарони тоҷик дар 10 соли охир гирифтаанд?

- "Дов". Ин филм дар чандин фестивалҳои байналмилалӣ низ соҳиби ҷоизаҳои бонуфуз гаштааст ва ин аз касбияти баланди офарандагонаш дарак медиҳад.

ГАНҶИ БЕБАҲО

- Шумо одами хушбахт ҳастед, зеро бо шарофати ҳунаратон шуморо натанҳо дар Тоҷикистон, балки хориҷ аз кишвар низ мешиносанд, дӯст медоранд, эҳтиром мекунанд. Бо ин ҳама, бузургтарин сарвати Исфандиёр Ғуломов дар зиндагӣ чист?

- (Бо гӯшаи чашм ба сӯйи ҳамсараш ишорат мекунад): Беҳтарин сарвати мард дар зиндагӣ зани хуб ва оқилаю меҳрубон аст.

- Бузургтарин орзуятон дар зиндагӣ?

- Орзую ҳаваси ман дар дунё танҳо он аст, ки дар ягон гӯшаи олам ҳеҷ гоҳ ҷанг набошад, хунрезӣ набошад, вахдати тамоми одамизод бошад.

- Агар бидонед, ки имрӯз охирин рӯзи ҳаётатон аст, онро чӣ гуна мегузаронед?

- Бо азизони дилам, дар канори ҳамсару фарзандонам.

Мусоҳиб:
Фирӯза САТТОРӢ

МАВЛУДНОМА

25 СЕНТЯБР

Хуршед Абдуллозода (1940-2012), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Мурод Қурбонов (1940-2004), 85-солагии зодрӯзи санъатшинос.

Абдуллоҷон Ортиқбоев (1925-2009), 100-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Анзурат Саидмуродова (1945-2007), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

26 СЕНТЯБР

Кова Баҳор (1935-1994), 90-солагии зодрӯзи кинооператор.

Мирзоалӣ Қурбонов (1945), 80-солагии зодрӯзи забоншинос (ӯзбекӣ-англисӣ).

27 СЕНТЯБР

Вячеслав Купрянов (1920-2000), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Ёдгор Муҳсинов (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Салоҳиддин Сироҷиддинов (1930-1998), 95-солагии зодрӯзи муаррих.

28 СЕНТЯБР

Саидҷон Камолов (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Баҳодур Мирзоев (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

29 СЕНТЯБР

Амирбеки Карим (1945), 80-солагии зодрӯзи шоир.

Лев Серебриников (1925-1990), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

30 СЕНТЯБР

Борис Кимёгаров (1920-1979), 105-солагии зодрӯзи кинорежисёр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Исматулло Мадалиев (1950-2010), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Аҳмадшо Улфатшоев (1945), 80-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Нисон Шоулов (1925-2000), 100-солагии зодрӯзи найнавоз, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

1 ОКТЯБР

Ҳасан Бердиқулов (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Александр Бернштан (1910-1956), 115-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Набиҷон Почоҷонов (1910-1988), 115-солагии зодрӯзи журналист, мутарҷим.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Билети донишҷӯӣ ба номи Норбоев Дилшод Нурбекович, ки соли 2024 аз ҷониби Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С. Раҳимов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, АБ №056389, ба номи Гурезова Гулру Қурбонмуродовна, ки соли 2000 аз ҷониби МТМУ №33-и ноҳияи Варзоб, ҷамоати Айнӣ дода шудааст, аз сабаби нодуруст пур карда шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ барои нуқтаи савдо (35.2 кв.м.) ба номи ҶДММ "МИР и КО", ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, к. Ф. Ниёзӣ, бинои 36, ки санаи 27.12.2017 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ барои нуқтаи савдо (25,5 кв.м.) ба номи ҶДММ "МИР и КО", ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Ф. Ниёзӣ, бинои 36, ки санаи 27.12.2017 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1ш-1153 аз 23.09.2010, аз номи Мирзоахмедов Мухамадали Артыкович ба номи Мирзоахмедова Нодира Мухамадалиевна, Мирзоахмедов Анварҷон Мухамадалиевич ва Мирзоахмедов Мирзалижон Мухамадалиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Мастонгулов (Титов), хонаи 120, ки дар Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ барои нуқтаи савдо (15,1 кв.м.) ба номи ҶДММ "МИР и КО", ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Ф. Ниёзӣ, бинои 36, ки санаи 27.12.2017 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ барои нуқтаи савдо (11,4 кв.м.) ба номи ҶДММ "МИР и КО", ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Ф. Ниёзӣ, бинои 36, ки санаи 27.12.2017 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд (регистрационный лист) №29807, соли 1992, ба номи Меликов Равшанбег Нусратович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Ғафуров 33/1, ҳ. 55, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8Д-471, аз санаи 08.02.2000, ба номи Меликов Равшанбег Нусратович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ғафуров 33/1, ҳ. 55, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии Фрунзе ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТК №0311135, рақами қайд №744, ба номи Раҳматова Нигина Ҳусайновна, ки соли 2025 аз Коллеҷи кӯҳӣ ба номи С. Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Аёмов Сайвали, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино 1, кӯчаи Борбад 103, ҳ. 66, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №7595, ба номи Табарова Анор, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чоряккорон, уч. Чавлибой 71, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ, №Д24329, ба номи Сидиқов Акбар Суфиевич, ки соли 2024 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Тураева Саёҳат Саидамировна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 25, ҳ. 48, ки соли 2022 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, Дарҷаи А №0507443, рақами қайд №33327, аз 16.03.2015, ба номи Ғафуров Наҷмидин, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Гулистон, ки аз Кумитаи идораи замини ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №86824, аз 05.04.2023, ба номи Мирзоахмедов Мирзоалижон Мухамадалиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Мастонгулов, хонаи 120, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Юнусов Нормат, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Шарқ 34А, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Портягин Юрий Иванович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Адҳамов, хонаи 80, ҳ. 16, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0021490, рақами қайд №3532008, ба номи Абдуллаева Мукадасхон Мамасолиевна, ки аз санаи 16.05.2008 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайдгирӣ №8281-16514, аз 17.09.1992, ба номи Юнусова Элеонора Самадовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода б. 4, ҳ. 11, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №986, ба номи Юнусова Тамара Николаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Ш. Ҳусейнзода б. 4, ҳ. 4, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш дар реестри №12Д-26 аз 27.01.1997, ба номи Юнусова Тамара Николаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода б. 4, ҳ. 4, ки дар нотариуси давлатии якуми Идораи нотариалии Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0205721, рақами қайд №3926, аз 28.06.2021 ба номи Наимхонов Басир Наимҷонович, ки аз ҷониби ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №49178, аз 10.09.2021, ба номи Тоирова Файзигул Ғуломовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Деҳотӣ, хонаи 21/9, утоқи 22, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №150980, аз 29.08.2025, ба номи Мамадҷанов Илҳом Иркинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. 5-гузаргоҳи Гастелло, хонаи 4, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Парвандаи заминсозӣ ба номи Мамадҷанов Илҳом Иркинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. 5-гузаргоҳи Гастелло, хонаи 4, масоҳати умумии қитъаи замин 265,0 м.м., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи №153В, аз 14.07.2021, байни ҶДММ "Фарид-85" ва Куканова Матлуба Махсатуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, к. Б. Ғафуров 32 ва 32а, ошёнаи 16, блоки В, 60,60 м.м., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳристи №2М-105, аз 22.05.2012 ба номи Юнусова Элеонора Самадовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода б. 4, ҳ. 11, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси ҶДММ “Билол Сохтмон гурӯҳ”, РЯМ: 0710012775, РМА: 070019838, ки аз санаи 04.10.2024 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси ҶДММ “Хонаи Орзу”, РЯМ: 0410035120, РМА: 040057003, ки аз 13.03.2020 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, ки аз тарафи ҚДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар шаҳри Турсунзода ба номи Ахунов Мирзо нисбат ба манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Турсунзода, кӯчаи М. Горкий, хонаи 36 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома бар ивази билети ҳарбӣ бо силсилаи ҶТ №0033033 аз 14.08.2018, ба номи Салимов Умрон Усмонович, ки аз ҷониби Комиссариати ҳарбии н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба номи Умар Зарипов Мухамадалиевич, РЯМ: 3330096720, ки дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ қарор дорад, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи маъюбӣ, №0111983, ба номи Мавлянова Дилором Тошмухамедовна, ки санаи 17.04.2013 аз ҷониби Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Абиров Муродулло Махсадуллоевич, аз санаи 25.10.2010, РМА: 045853777, РЯМ: 1230046648, ки аз Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аҳдномаи ақди никоҳ таҳти феҳрасти ЗДШ-36, ки аз санаи 24.05.2011 аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Голами Мухаммад ва Норкобилова Гулшара Шайкуловна тасдиқ карда шудааст, бинобар сабаби гум шунданаш беэътибор дониста шавад.

► Илова ба диплом, рақами 0156537 ДТО, рақами қайд №370, аз санаи 19.07.2009, соли хатм 2009, ки онро МДТ ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино ба Хашимова Фотима Холовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси ҶДММ "Сармояи Ягона", РЯМ: 0210026456, РМА: 020051093, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► ҶДММ "Ҷонибек 2013", №0264347, РЯМ: 0310013816, РМА: 030024709, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Ниндэ", РЯМ: 0410023277, РМА: 040043271 барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

МЕФУРӮШАМ

► 4-ҳуҷрагӣ, 75 м.м., қабати 2, бинои 4-ошёна, балкон, ҳолаташ хуб, бо тамоми шароиташ, оби гарм дорад, таҳхонаи рафдори иборат аз 2 ҳуҷра, боғ бо дарахтони мевадор, Профсоюз, байни Прокуратураи генералӣ ва маркази савдои "Пайкар", нарх 910 000 сомонӣ (95 000 у.е.). Тел.: 989-153-604, 989-143-894

ОМӮЗИШ

► Курсҳои кӯтоҳмуддати дӯзандагӣ барои занону духтарон. Дар курсҳои мо тамоми нозукиҳои дӯзандагӣ, сар карда аз андозагирӣ то пораю дӯхтани либосҳои миллӣ ва аврупоиро бо дӯзандае, ки зиёда аз 25 сол собиқаи корӣ дорад, ёд мегиред. Сехи дӯзандагӣ бо мошинаҳои дарздӯзӣ таҷҳизонида шуда, тамоми шароит барои бонувони азиз муҳайё карда шудааст. Аз шумо танҳо хоҳиш, аз мо бошад омӯзиш. Суроғаи мо: ш. Душанбе, 46 микрорайон, назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. Тел.: 904-04-75-35 (ватсап).

ГУМШУДА

► Рақамҳои давлатӣ гум шудаанд - 7778VS01, тақрибан дар кӯчаи Н. Қарабоев то кӯчаи С. Носир 33, нафаре, ки онро пайдо кардааст, хоҳишмандем бар ивази мукофотпулӣ баргардонида шавад. Тел.: 985-73-43-73, 934-24-53-24

Зодрӯз муборак бод!

Ман аскари Ватан,
Болу пари Ватан.

Судайсҷони азизи хонадон. 7-солагиат муборак бод! Дар ин рӯзи фархунда мо - аҳли хонавода бароят таманнои рӯзу рӯзгори хуш менамоем. Орзу дорем, ки ҷавонмарди асил ба воя расида, дар ҳифзу ҳимояи Ватан-Модар саҳми арзандаи худро гузорӣ. То дараҷаи генералӣ бирасӣ!



Бо эҳтиром самимият, бибиат Раҷабгул Муродова ва падарат Зафарҷон Ҷалолов

САМБО

ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК АЗ ҶОМИ ҶАҲОН 9 НИШОН БА ДАСТ ОВАРДАНД

Рӯзҳои 20 ва 21-уми сентябр дар шаҳри Душанбе мусобиқаи Ҷоми ҷаҳони куштии самбои варзишӣ ва самбои размӣ баргузор шуд, ки дар он паҳлавонони тоҷик 8 нишонро соҳиб шуданд.



Дар ин мусобиқа намояндагони 9 кишвар - Беларус, Булғористон, Маҷористон (Венгрия), Қазоқистон, Қирғизистона, Русия, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ширкат карданд. Мусобиқа дар ду навъи самбо - варзишӣ ва размӣ дар 14 вазн баргузор шуд.

Дар рӯзи якуми мусобиқа паҳлавонони тоҷик аз намуди самбои варзишӣ се медал - як нуқра ва ду биринҷӣ ба даст оварданд. Инҳо Анӯшервон Назарзода, 58 кг (нуқра), Комроншоҳи Устопириён, 98 кг (биринҷӣ) ва Хуршед Маҷидзода, +98 кг (биринҷӣ) буданд.

Дар рӯзи дуюм паҳлавонони тоҷик аз намуди самбои размӣ 6 нишон ба даст оварданд. Фаридун Одилов дар вазни то 98 кг ва Халид Толибзода дар вазни то 88 кг соҳиби нишони тилло шуданд. Ҷумахони Ҳусайн дар вазни то 98 кг ва Мустафо Алибеков дар вазни то 88 кг нишон нуқра ба даст оварданд. Исфандиёр Холов дар вазни то 79 кг ва Саймуҳаммад Исматзода дар вазни ҷамъи 98 кг нишони биринҷӣ гирифтанд.

ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲОИ ОСИЁ-2

ШИКАСТИ «ИСТИҚЛОЛ» ДАР БОЗИИ ЯКУМ АЗ «АЛ-НАСР»

Дастаи “Истиқлол”-и Душанбе дар гурӯҳи “D” дар сабқати Лигаи чемпионҳои Осиё-2 аз дастаи “Ал-Наср”-и Арабистони Саудӣ бо ҳисоби 5:0 шикаст хӯрд. Бо вуҷуди ин, дастаро бозиҳои хонагӣ дар пешанд, ки дар онҳо бисёр чизҳоро беҳтар кардан мумкин аст.

Мавсими нави Лигаи қаҳрамонҳои Осиё-2 барои «Истиқлол» бо сафар ба Риёз ба муқобили “Ал-Наср” оғоз шуд. Бошгоҳи Арабистони Саудӣ, ки аз зӯртарин дастаҳои ин мусобиқот дониста мешавад, бо шикаст додани чемпиони Тоҷикистон бо ҳисоби 5:0 мақоми худро тасдиқ кард.

«Истиқлол» дар ин гурӯҳ боз бо дастаҳои «Ал-Заврa»-и Ироқ ва «Гоа»-и Ҳиндустон бояд бозӣ кунад. Ҳамин тавр, бозии оянда бо «Гоа» рӯзи 1-уми октябр дар Душанбе аст, ки имкони ба даст овардани имтиёзҳои аввалин ҳаст. 22-юми октябр «Истиқлол» бо «Ал-Заврa» бозӣ мекунад ва ин вохӯрӣ шояд калидӣ бошад. 5-уми ноябр бозии ҷавобӣ бо ироқиҳо ва шояд аз сангинтарин вохӯриҳои «Истиқлол» дар ин мусобиқа бошад. 26-уми ноябр Душанбе Криштиану Роналдуро интизор мешавад ва шояд ӯ ба ин бозӣ ояд, ҳарчанд дар бозии аввал дар Риёз ширкат накард. 24-уми декабр бозии охирин дар Ҳиндустон бо «Гоа» ва эҳтимол дорад барои «Истиқлол» бозии ҳалкунанда бошад.



ФУТБОЛ

ТОҶИКИСТОН ДАР РАДДАБАНДИИ FIFA МАВҚЕАШРО БЕҲТАР КАРД

Созмони ҷаҳонии футбол (FIFA) раддабандии нави дастаҳои футболи ҷаҳонро нашр кард. Тоҷикистон дар ин ҷадвал мавқеашро ду зина беҳтар кард ва ҳоло дар зинаи 104-ум қарор дорад, ки аз Қирғизистон пештар, вале аз Арманистону Беларус поён аст.



Дастаи мунтахаби Тоҷикистон 1206,15 имтиёз дорад, ки нисбат ба раддабандии қаблӣ 3,61 имтиёз афзоиш ёфтааст. Ин пешравӣ ба натоиҷи бозиҳои ахир асос ёфтааст. Дар байни дастаҳои минтақа Тоҷикистон ҳанӯз ҳам аз ҳамсафони наздикаринаш ақиб мондааст. Ӯзбекистон ба таври қатъӣ дар 60-гонаи аввал (ҷойи 54-ум) аст, Ироқу Арабистони Саудӣ дар ҷойҳои 58-ум ва 59-ум ва Урдуну Амороти Муттаҳидаи Араб дар сафи 70 дастаҳои беҳтар қарор доранд. Ҳатто Уммон ва Баҳрайн аз Тоҷикистон пештаранд. Аммо бояд гуфт, ки даста аз Қирғизистон (ҷойи 106-ум) пеш гузаштааст ва тадриҷан бо дастаҳои Тайланд (ҷойи 101-ум) ва Фаластин (ҷойи 99-ум) фарқиятро кам мекунад.

Тағйироти ҷиддӣ дар раддабандӣ ин аст, ки Испания (аз ҷойи дуюм) аз Аргентина пеш гузашта, дар садри рӯйхат қарор гирифтааст. Фаронса ба зинаи дуюм баромада, қаҳрамони феълии ҷаҳон Аргентина ба зинаи сеюм поин рафтааст. Англия ва Португалия ба панҷгонаи беҳтарин дохил мешаванд.

ҶУДО



ШИРКАТИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР QINGDAO GRAND PRIX 2025

28-уми сентябр дар шаҳри Чингдаои Чин мусобиқаи Qingdao Grand Prix 2025 баргузор мешавад. Ин мусобиқа яке аз чорабиниҳои муҳим дар силсилаи IJF World Tour мебошад ва барои варзишгарон имконияти ба даст овардани холҳои рейтингӣ барои роҳхат ба Олимпиадаи 2028-ро фароҳам меорад.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо ҳайати пуркувват ва омодагӣ ба ин мусобиқа меравад. Ҳайати даста аз мардон Меҳрзод Суфиев (-60 кг), Муҳаммадсолеҳ Қуввatов (-60 кг), Обид Ҷебов (-66 кг), Абубакр Шеров (-73 кг), Масъудӣ Аҳмадзода (-73 кг), Сомон Маҳмадбеков (-81 кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (-90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг) ва занон Аҳлия Муминова (-48 кг), Александра Кан (-57 кг), Виктория Киселёва (+78 кг) иборат аст. Ин ҳайат аз варзишгарони таҷрибадор ва ҷавон иборат аст, ки дар мусобиқаҳои байналмилалӣ натиҷаҳои назаррас нишон додаанд.

Ҳазинаи ҷоизаи ин мусобиқа 98 000 евро гуфта мешавад. Ин мусобиқа барои варзишгарони тоҷик имконияти хуби санҷиши қувва бо рақибони сатҳи ҷаҳонӣ ва ба даст овардани имтиёзҳои муҳим барои рейтингҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

РЕЗААХБОР



Ҷудокори ҷавон Мадина Қурбонзода парчамбардори Тоҷикистон дар Бозиҳои ИДМ-2025 интихоб шуд. Бозиҳои 3-юми кишварҳои ИДМ аз 28-уми сентябр то 8-уми октябри соли 2025 дар 8 шаҳри Озарбойҷон баргузор мешавад. Тоҷикистонро 142 нафар варзишгар аз 18 намуди варзиш муаррифӣ мекунанд.

***


Дафтари матбуотии клуби футболи «Хуҷанд» хабар медиҳад, ки раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода қарор кардааст аризаи мутахассиси рус Александр Крестининро дар бораи истеъфо қабул накунад. Мутахассиси рус фаъолияти худро идома дода, дастаро барои бозиҳои ояндаи чемпионати Тоҷикистон омода мекунад. «Хуҷанд» бо роҳбарии ин мутахассис пирӯзии аввалини худро ба даст оварад. Дастаи «Хулбук» бо ҳисоби 1:0 мағлуб карда шуд.

***

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пайрав Воҳидов дар ду бозии марҳилаи интихобии Ҷоми футзали Осиё-2026 бо ҳисоби калон пирӯзӣ ба даст оварад. Дар дидори ифтитоҳӣ дастаи Макао бо ҳисоби 10:2 шикаст дода шуд. Дар бозии дуюм футзалбозони тоҷик бар Камбоҷа бо ҳисоби 7:1 ғолиб омаданд. Дар бозиҳои дигари ин гурӯҳ Ҷопон бар Камбоҷа бо ҳисоби 5:0 ва бар Макао бо ҳисоби 13:0 пирӯз шуд.

***

22-юми сентябр дар шаҳри Порис маросими супоридани ҷоизаи маҷаллаи France Football “Тӯби тиллоӣ” бар асоси натиҷаҳои мавсими 2024/2025 ба беҳтарин футболбози ҷаҳон баргузор гардид. Усмон Дембеле аз дастаи «Пари Сен Жермен» (Фаронса) соҳиби “Тӯби тиллоӣ-2025” гардид. Дембеле дар ҳайати “ПСЖ” дар 53 бозӣ ширкат карда, бо даста дар Лигаи чемпионҳо пирӯзӣ ба даст оварад. Ӯ 35 гол зада, 14 паси головар анҷом додааст.



ПАЁМАК

Марде барои ба даст овардани дили бонуе ба ӯ паёмак менависад:
- Дуруд, зебосанам! Шинос мешавем?
Бону:
- Ман вақт надорам, корам бисёр аст!
Мард:
- То чанд кор мекунӣ?
Бону:
- Агар чизе тағйир наёбаду саломатӣ ташвиш надиҳад, то 65-солагӣ!

САРФА

Марде субҳ ба ҷои кор омада, мегӯяд:
- Ин саҳарӣ аз қафои автобус давида, 2,50 сомониро сарфа кардам.
Ҳамкоронаш:
- Эҳ, гаранг, агар аз паси таксӣ медавидӣ, 25 сомониро сарфа мекардӣ!

ВАЗИФА

Модар аз писарчааш мепурсад:
- Имрӯз вазифаи хонагӣ бисёр дорӣ?
Писарак:
- Эҳ, очаҷон, имрӯз фақат дод мезаниву дод мезанӣ...

ТАНБАЛ

Марде ба рафиқаш мегӯяд:
- Медонӣ, саги ман танбал шудааст!
Рафиқаш:
- Чӣ хел фаҳмидӣ, ки танбал шудааст?
Мард:
- Пештар барои он ки ӯро ба кӯча барорам, бароям бандакашро меовард, ҳоло бошад, калидҳои мошинро меорад!

ЛИБОС

Мураббия дар боғчаи бачагона ба кӯдакон мегӯяд:
- Зимистон мо либосро барои он мепӯшем, ки аз хунукӣ ях накунем. Канӣ кӣ мегӯяд, ки дар фасли тобистон барои чӣ либос мепӯшем?
Духтарчае мегӯяд:
Барои он ки шарманда нашавем!

Хазонрез
Марде дар назди табиб:
- Духтур, дандонҳоям зард шудаанд. Сабаб дар чӣ бошад?
Дандонпизишк:
- Фасли хазонрез аст охир...

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

САМБӮСАИ «СОТИМҶОН»

(РАДИОГУЗОРИШ)

Шунавандагони муҳтарам, мухлисони радиомаҷаллаи “Лаззат”! Мо гузоришамонро аз самбӯсахонаи «Бӯи пиёз» бурда истодаем. Имрӯз мизоҷҳо хеле хурсанд. Ба ҳаёхую шодмонии онҳо бинои муҳташами самбӯсахона базӯр тоб меорад. Ҳа, имрӯз ид, рӯзи тантана. Орзуи

чандинсолаи хӯрандаҳо ҷомаи амал пӯшид. Охир, самбӯса гӯшт дорад, гӯшт! Ин, албатта, ҳодисаи фавқулода аст.

Инак, мо бо микрофон ба онҳое наздик мешавем, ки пуф-пуфкунон самбӯса мепазанд.

- Бубахшед, худро шиносонед.

- Муаллим Карим Раҳимов.

- Таассуроти шумо?

- Рости гап, хурсандиам ҳадду канор надорад, зеро асрҳои аср... э, э, мебахшед, солҳои сол аз самбӯсаҳои ин ҷо дилпур набудам. Сабаб? Як мушт пиёзи хамирпеч буду халос. Мана, мешудааст-ку! Ба пазандаҳо раҳмат.

- Узр, шумо худро шинос мекардед...

- Ман? Ҳӣ-хӣ, рононда Асо Расоев.

- Чанд дона самбӯса хӯрдед?

- Даҳто.

- Зӯрӣ намекунад?

- Ҳаргиз. Аз ин хел самбӯсаи роҳати ҷон садто хӯрӣ ҳам, кам! Ҷилдаш нафис, пури гӯшт, бурда-бурда равғани думба дорад. Ҷон-ҷони кас роҳат мекунад. Ба самбӯсапази ҷавон Сотимҷон сад ташаккур.

Баъди ин суханони қаймокӣ мо бо микрофон ба пазандаи ҳамин самбӯсаҳои болаззат Сотимҷон наздик мешавем.

- Чанд сол боз ин ҷо кор мекунед?

- Як ҳафта шуд. Таҷрибаомӯз ҳастам.

- Сарошпаз кучо?

- Аз назари духтур гузаштанӣ рафтанд.

- Самбӯсаҳои таърифиро шумо пухтед?

- Ҳамин тавр.

- Ташаккур.

Мо аз номи шунавандагони радиомаҷаллаи “Лаззат” ба Сотимҷон Ҳикматов, ки вақти набудани сарошпаз ба пиёзрезакунӣ хушаш наомада, буду шуди гӯшти қиммаро ба самбӯсаҳо ҷой кардааст, таҳсин мегӯем. То омадани шеф саломат бошед, Сотимҷон!

Эгамназар СОҲИБНАЗАРОВ, ноҳияи Деваштич

Сканворд

